ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

# ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚИИ НИЗОМИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВОБАСТА БА ВОКУНИШ БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА

2025

**Таҳлили мазкур бо маблағгузории Иттиҳоди Аврупо тибқи лоиҳаи “Суръат бахшидани фаъолиятҳои маҳаллӣ дар шароити буҳронҳои гуманитарӣ ва тандурустӣ” (ECHO PP) дар Тоҷикистон омода шудааст. Фикру андешаҳое, ки дар ин мавод иброз гардидаанд, метавонанд аз фикру андешаҳои Иттиҳоди Аврупо фарқ кунанд.**

**© Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон**
734017, к. Умари Хайём 120, ш. Душанбе,  Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Омода намуд:** Хукматов Умедҷон, Мушовири ҳуқуқӣ
**Муқарризон:** Баҳриддинзода Шуҳрат,сардори шуъбаи ҳолатҳои фавқулодаи ҶҲАТ;
Саъдуллозода Исмоил, ҳуқуқшинос оид ба ҳолатҳои фавқулодаи ҶҲАТ

# ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚИИ НИЗОМИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВОБАСТА БА ВОКУНИШ БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА

## МУНДАРИҶА


**Муқаддима............................................................................................ 2**

**Қисми I. Методологияи таҳқиқот оид ба таҳлили ҳуқуқии низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода............................................... 4**

1.1. Унсурҳои методологияи таҳқиқот оид ба таҳлили ҳуқуқии низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода.................................................... **4**

1.2. Тартиб, раванд ва натиҷаҳои ҷамъоварии маълумот барои таҳлил........................................................................................ **7**

**Қисми II. Механизмҳои байналмилалии ҳуқуқи байналмилалии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода (IDRL)........ 9**

2.1. Таҳлили санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ вобаста ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода.................................................... **9**

2.2. Мониторинги созишномаҳои байналмилалии Тоҷикистон оид ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода......................................... **14**

**Қисми III. Механизмҳои миллӣ оид ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода дар Ҷумҳурии Тоҷикистон....................................... 18**

3.1. Таҳлил ва арзёбии ҳуқуқии низоми қонунгузории ҶТ оид ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода.................................................... **18**

3.2. Таҳлил ва арзёбии санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар соҳаи вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода дар заминаи қонунҳои амалкунанда........................................................................... **29**

**Хулоса................................................................................................ 37**

**Замимаи I. Харитасозии қонунгузории ҶТ оид ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода.................................................................. 38**

**Замимаи II. Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва сарчашмаҳои дигари ҳуқуқӣ, ки дар таҳлил истифода гардидаанд........................................................................... 44**

## Муқаддима

Ба вуҷуд омадани ҳолатҳои фавқулода унсури табиӣ маҳсуб гардида, бо дарназардошти вазъи иқлим ва мавқеи географии ҷойгиршавии давлатҳо дар шаклҳои гуногун ба вуҷуд меоянд. Чунин ҳолатҳо чораандешии самаранок ва муташаккилро аз ҷониби на танҳо як давлат, балки аз ҷониби кишварҳои гуногун ва ташкилотҳои минтақавиву байналмилалӣ тақозо менамояд.

Вобаста ба вазъи географии Тоҷикистон ҳамасола дар минтақаҳои муайяни ҷумҳурӣ шаклҳои гуногуни ҳодисаҳои фавқулода ба вуҷуд меоянд ва хисороти гуногунро дар пай доранд. Баҳри бартараф намудани ҳолатҳои мазкур давра ба давра аз ҷониби давлату ҳукумат чораҳои дахлдори иҷтимоӣ, моддӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва амсоли ин андешида мешавад.

Дар самти коҳиш додани ҳолатҳои фавқулода ва бартараф намудани ҳолатҳои ба вуҷудомадаи он ҳамкории давлат бо кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои гуногуни байналмилалӣ муҳим ва саривақтӣ маҳсуб мегардад. Махсусан, масоили расонидани кӯмакҳои байналмилалӣ доир ба рафъи ҳолатҳои фавқулода, ҳамчун чораи вокуниши асосӣ маҳсуб мегардад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) ҷиҳати вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода (обхезӣ, заминларза ва ғайра) аз ҷониби давлатҳо ва ташкилотҳои гуногуни байналмилалӣ кӯмакҳо дар шакли грантҳо ва маҷмӯи молу таҷҳизот ва қувваҳои бартарафкунанда расонида шудааст. Бо дарназардошти ин, мустаҳкам намудани асосҳои ҳуқуқии ҳуқуқи байналмилалии вокуниш ба ҳолатҳои фақулода заминаи асосии он ба шумор меравад.

Бояд гуфт, ки таҳлилу омӯзиши қонунгузории ҶТ дар бораи вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода яке аз ҷанбаҳои муҳими низоми ҳуқуқии кишварро ташкил менамояд, ки то ин муддат масъалаҳои мазкур мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода нашудааст. Барномаи пешбининамудаи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон оид ба машварати кӯтоҳмуддат барои гузаронидани харитасозӣ ва арзёбии ҳамаҷонибаи қонунгузории Тоҷикистон дар бораи вокуниши байналмилалӣ ба ҳолатҳои фавқулода (IDRL) яке аз қадамҳои нахустин ва муҳим дар ин самт ба шумор меравад.

Омодагӣ ба ҳолатҳои изтирорӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода яке аз самтҳои мубрами сиёсати давлатӣ ва қисми таркибии қонунгузории миллӣ ба ҳисоб меравад. Ҷиҳати рафъи ҳолатҳои фавқулода пеш аз ҳама вокуниши саривақтӣ ба он ҳамчун маҷмуи чораҳои ба ҳамдигар алоқаманд, фаъолиятҳои мақомоти идоракунӣ ва қувваҳо муҳим ба ҳисоб меравад, ки тартиби муқовимат бо ҳама гуна садамаҳо, фалокатҳо, офатҳои табиӣ ва оқибатҳои онро муайян менамояд.

Ҳуқуқи байналмилалии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода боис ба он мегардад, ки дар заминаи ҳуқуқӣ асосҳо, махсусият ва ҳолати истифодаи

усулҳои самаранок доир ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ва дархости кӯмаки байналмилалӣ осон ва мусоид карда шавад.

Махсусан, дар шароити муосири ҷомеаи ҷаҳонӣ масоили ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулода дар пасманазари тағйирёбии иқлим, ҷангу низоҳои дохиливу фаросарҳадӣ ва дигар омилҳо бештар ба мушоҳида расида, вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода чи дар дохили кишвар ва чи вокуниши байналмилалӣ дар қатори ҳадафҳои дигари аввалиндарача қарор мегирад ва кафолати ҳуқуқии он омили самаранок дар ин самт ба шумор меравад.

Дар ҶТ вобаста ба ҳолати ҳуқуқии вазъияти фавқулода муқаррароти умумиро бевосита Конститутсияи ҶТ, Конуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулода", Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ", дигар қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ, барномаҳои давлатӣ, стратегияҳо, созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба пешбинӣ менамоянд.

Аммо, ба таври мукаммал вазъи танзими ҳуқуқии асосҳои ҳуқуқи байналмилалии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода (IDRL) ба роҳ монда нашудааст. Аз ин ҷиҳат, таҳлилу арзёбии низоми қонунгузории ҶТ вобаста ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ва танзими ҳуқуқии кӯмаки байналмилалӣ муҳим ва саривақтӣ маҳсуб мегардад.

Умед аст, ки натиҷаҳои таҳлил барои такмили сифатан нави қонунгузорӣ дар самти ҳуқуқи байналмилалии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода мусоидат намуда, барои дуруст ба роҳ мондани танзими ҳуқуқӣ дар ин самт, аз байн бурдани нуқсонҳои қонунгузорӣ, пурра намудани холигиҳо дар таъминоти ҳуқуқӣ ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолатҳои фавқулода, дастрасии мусоиди кӯмакҳои байналмилалӣ ҳангоми ин ҳолатҳо, ҷорӣ гардидани соддагардонии қонунгузорӣ дар пасманзари нишондодҳои ҳуқуқи байналмилалии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода, ташаккули ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд дар ҷомеа мусоидат хоҳад намуд.

# ҚИСМИ I. МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲҚИҚОТ ОИД БА ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚИИ НИЗОМИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВОБАСТА БА ВОКУНИШ БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА

## 1.1. Унсурҳои методологияи таҳқиқот оид ба таҳлили ҳуқуқии низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода

Таҳлилу омӯзиши қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) дар бораи вокуниши байналмилалӣ ба ҳолатҳои фавқулода яке аз ҷанбаҳои муҳими низоми ҳуқуқии кишварро ташкил менамояд, ки то ин муддат масъалаҳои мазкур мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода нашудааст. Барномаи пешбининамудаи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон оид ба машварати кӯтоҳмуддат барои гузаронидани харитасозӣ ва арзёбии ҳамаҷонибаи қонунгузории Тоҷикистон дар бораи вокуниши байналмилалӣ ба ҳолатҳои фавқулода (IDRL) яке аз қадамҳои нахустин ва муҳим дар ин самт ба шумор меравад.

Омодагӣ ба ҳолатҳои изтирорӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода яке аз самтҳои мубрами сиёсати давлатӣ ва қисми таркибии қонунгузории миллӣ ба ҳисоб меравад. Ҷиҳати рафъи ҳолатҳои фавқулода пеш аз ҳама вокуниши саривақтӣ ба он ҳамчун маҷмуи чораҳои ба ҳамдигар алоқаманд, фаъолиятҳои мақомоти идоракунӣ ва қувваҳо муҳим ба ҳисоб меравад, ки тартиби муқовимат бо ҳама гуна садамаҳо, фалокатҳо, офатҳои табиӣ ва оқибатҳои онро муайян менамояд.

Ҳуқуқи байналмилалии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода боис ба он мегардад, ки дар заминаи ҳуқуқӣ асосҳо, махсусият ва ҳолати истифодаи усулҳои самаранок доир ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ва дархости кумаки байналмилалӣ осон ва мусоид карда шавад.

Махсусан дар шароити муосири ҷомеаи ҷаҳонӣ масоили ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулода дар пасманазари тағйирёбии иқлим, ҷангу низоҳои дохиливу фаросарҳадӣ ва дигар омилҳо бештар ба мушоҳида расида, вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода чи дар дохили кишвар ва чи вокуниши байналмилалӣ дар қатори ҳадафҳои дигари аввалиндараҷа қарор мегирад ва кафолати ҳуқуқии он омили самаранок дар ин самт ба шумор меравад.

Дар ҶТ вобаста ба ҳолати ҳуқуқии вазъияти фавқулода муқаррароти умумиро бевосита Конститутсияи ҶТ, Конуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулода”, Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ”, дигар қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ, барномаҳои давлатӣ, стратегияҳо, созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба пешбинӣ менамоянд.

Аммо, ба таври мукаммал вазъи танзими ҳуқуқии асосҳои ҳуқуқи байналмилалии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода (IDRL) ба роҳ монда

нашудааст. Дар пасманзари роҳандозӣ гардидани барномаи мазкур таҳлилу арзёбии низоми қонунгузории ҶТ вобаста ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ва танзими ҳуқуқии кумаки байналмилалӣ бо дарназардошти вазъи кунунӣ, мушкилоти қонунгузорӣ дар ин самт ва пешниҳод намудани таклифҳо ҷиҳати рушди қонунгузорӣ анҷом дода шуд.

Барои таҳлили низоми қонунгузории ҶТ вобаста ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ва танзими ҳуқуқии кумаки байналмилалӣ якчанд методҳо ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки ҷиҳати мукаммал гардидани он мусоидат намуданд. Аз ҷумла:

**1) методи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ** – аз методи мазкур доир ба ҳолат, раванди инкишоф ва амалияи истифодаи қонунгузории ҶТ бо давлатҳои хориҷӣ истифода бурда шуд. Бо мақсади таҳлил ва арзёбии қонунгузории Тоҷикистон дар бораи вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода зимни гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҶТ бо давлатҳои хориҷӣ афзалият ба омӯзиш ва таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, лоиҳаҳои онҳо ва қонунҳои моделии давлатҳои аъзои ИДМ дар самти вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ва танзими ҳуқуқии кумакҳои байналмилалии башардӯстона дода шуд.

Дар ин самт, қонунҳои намунавӣ ва тавсияҳои Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ ва Ассамблеяи парлумонии СААД доир ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт. Аз ҷумла, Қонунҳои намунавии ИДМ “Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиий ва техногенидошта” (қарори №10-6 аз 06.12.1997 с.), “Дар бораи ҳолатҳои фавқулода” (қарор аз 13.06.2000 с., №15-15), “Дар бораи мусоидат ба танзими кӯмаки башардӯстона ҳангоми ҳолатҳои фавқулода ва кӯмак дар баргузории корҳои аввалини барқарорсозӣ” (қарор аз 28.11.2014 с., №41-20), инчунин, Қонуни намунавии ИДМ “Дар бораи низоми ягонаи занг задан ба хадамоти изтирорӣ” (қарор аз 28.10.2022 с., №54-9) ва Тавсияҳо оид ба ҳамоҳангсозии қонунгузории давлатҳо-аъзои СААД дар доираи ҳамкориҳои наздисарҳадӣ ҳангоми бавуҷудоии ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта, ки бо қарори Ассамблеяи Парлумонии СААД аз 26 ноябри соли 2015, №8-8 тасдиқ гардидааст, пурра мавриди таҳлил қарор гирифтанд.

Бо истифода аз методи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ нишондодҳои санадҳои болозикр таҳлил гардида, ҷиҳати мустаҳкам намудани меъёрҳои нав ҳангоми такмили қонунгузории ҶТ дар самти вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода таклифҳо пешниҳод карда шуданд;

**2) методи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ -** методи мазкур ҳамчун механизими муҳими таҳлили қонунгузорӣ ва такмили минбаъдаи он ба шумор рафта, таҳлили пурраи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегиро фаро мегирад. Ҳангоми анҷом додани таҳлили қонунгузорӣ методи мазкур бо мақсадҳои омӯзиши нишондодҳои ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии

соҳа бо дарназардошти таҳлили вазъи кунунӣ, мушкилот ва бартарафсозии мушкилоти мавҷуда дар сатҳи қонунгузории кишвар, омӯзиши ҳуҷҷатҳои барномавии соҳа ва танзими ҳуқуқии муносибатҳое, ки ба қабули санадҳои нави қонунгузорӣ доир ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ишора менамоянд, омӯзиши ҳуҷҷатҳои стратегии миллӣ ва соҳавӣ бо дарназардоштиояндабинии сиёсати давлатӣ дар самти вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ва идораи вокуниши байналмилалӣ ба ҳолатҳои фавқулода ва ғайра мавриди истифода қарор дода шуд.

Бо истифода аз методи мазкур ва мақсадҳои болозикр стратегия ва барномаи зерин мавриди таҳлил қарор дода шуд ва дар заминаи он нуктаҳои назари алоҳида оид ба мукаммал намудани қонунгузорӣ пешниҳод карда шуд. Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2034 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2018, №602 тасдиқ гардидааст), Стратегияи ҳифзи молиявӣ аз офатҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2037 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.10.2022, №504 тасдиқ гардидааст) ва Барномаи миёнамуҳлати давлатӣ оид ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода барои солҳои 2023-2028 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2022, №630 тасдиқ гардидааст);

**3) методи мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ -** мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии кишвар доир ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ва танзими ҳуқуқии кӯмакҳои байналмилалии башардӯстӣ ҷузъи муҳими таҳлил ва ба ин васила такмили қонунгузории кишварро доир ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода дар бар гирифт.

Ҳангоми таҳлил ва арзёбии қонунгузории Тоҷикистон дар бораи вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода аз методи мазкур ҷиҳати таҳлил намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар самти вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода дар заминаи қонунҳои амалкунанда, ки қабул карда шудаанд, омӯзиш ва таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар самти идораи вокуниши байналмилалӣ ба ҳолатҳои фавқулода, муайян намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар самти вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода дар заминаи қонунҳои амалкунанда, ки то ҳол қабул карда нашудаанд ва ғайра ба таври васеъ истифода карда шуд.

Дар пасманзари истифода аз методи мазкур чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии кишвар таҳлил карда шуданд: Низомномаи тартиби идораи кӯмаки башардӯстона ва техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9.11.2000, №459 тасдиқ гардидааст), Тартиби умумии муайян намудани ҳаҷми зарари ба амвол расида ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодда (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.12.2010, №632 тасдиқ гардидааст), Қоидаҳои тартиби маблағгузории чорабиниҳо

оид ба рафъи ҳолатҳои фавқулодда (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2009, №699 тасдиқ гардидааст), Низомномаи Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2017, №547 тасдиқ гардидааст) ва Тартиби ташкили расонидани кумаки тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулода (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.02.2022, №62 тасдиқ гардидааст) ва ғайра;

**4) методи омӯзиши санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ** – омӯзиши санадҳои ҳуқуқи байналмилали қабулнамудаи Тоҷикистон василаи муҳим дар самти истифодаи муқаррароти чунин санадҳо дар низоми қонунгузории кишвар маҳсуб гардида, методи мазкур аҳамияти муҳими назариявӣ-амалӣ дорад.

Ҳангоми таҳлил ва арзёбии қонунгузории Тоҷикистон дар бораи вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода аз методи мазкур бо мақсадҳои зерин истифода карда шуд: омӯзиши санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла конвенсияҳо, созишномаҳо ва санадҳои дигар дар соҳаи вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода, ки Тоҷикистон онҳоро қабул кардааст, муайян намудани муқарраротҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар самти танзими ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода, мушаххас намудани зарурати имплементатсияи меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва мутобиқ намудани қонунгузории миллӣ ба талаботи онҳо доир ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ва ғайра.

Дар ҷараёни таҳлил Барномаи қолабии Сендай оид ба паст намудани хавфи офатҳо барои солҳои 2015-2030, ки Тибқи қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ аз 03 июни соли 2015, №69/283 тасдиқ гардидааст, ҳамчун санади ҳуқуқи байналмилалӣ бо истифода аз методи мазкур мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

## 1.2. Тартиб, раванд ва натиҷаҳои ҷамъоварии маълумот барои таҳлил

Дар раванди таҳлилу омӯзиши қонунгузории ҶТ дар бораи вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ва танзими вокуниши байналмилалӣ ба ҳолатҳои фавқулода, маълумотҳои аввалиндараҷа ва дуюминдараҷа истифода гардиданд. Дар марҳилаи аввал маълумотҳои дуюминдараҷа омӯхта ва таҳлил шуданд, ки ба онҳо қонунгузории ҶТ (қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ, барнома ва стратегияҳои давлатӣ, санадҳои байналмилалии ҶТ), маводҳои илмии соҳаи мазкур ва ҳисоботу таҳлилиҳои қаблан омодашуда, ки дар дастрасии озод ҳастанд ва онҳоеро, ки ҶҲАТ пешниҳод намуд, дохил мешаванд.

Маълумоти дуюминдараҷа аз махзани ҳуқуқии Вазорати Адлияи ҶТ, махзани ҳуқуқии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ ва

дигар сарчашмаҳое, ки дар дастрасии озод қарор доштанд, дастрас карда шуданд.

Мувофиқи нақша, ҶҲАТ санаи 25 июни соли 2025 семинар доир ба пешниҳоди таҳлили ҳуқуқи байналмилалии ҳолатҳои фавқулода (IDRL) дар Тоҷикистонро ташкил намуд ва дар он маълумоте, ки дар таҳлили давраи аввал (таҳлили маълумоти аввалиндарача) ҷамъ оварда шуд буд, пешниҳод гардид. Ҳадафи чорабинӣ низ муаррифӣ ва муҳокимаи натиҷаҳои пешакии харитасозӣ ва арзёбии ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи байналмилалии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода (IDRL) дар Тоҷикистон буд.

Дар семинари мазкур методология, миқёс ва натиҷаҳои пешакии харитаи ҳуқуқии IDRL дар Тоҷикистон муаррифӣ карда шуд. Ҳамчунин, шарҳи муқаррароти қонунҳо, сиёсатҳо ва шартномаҳои байналмилалии марбут ба омодагӣ ва вокуниш ба офатҳои табиӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои мушаххас, аз қабили озодкунии гумрукӣ ва андоз барои молҳои башардӯстона, талаботи раводид барои кормандони башардӯстона ва танзими гурӯҳҳои тиббии таъҷилии хориҷӣ пурра анҷом дода шуд.

Иштирокчиён дар мубоҳисаҳо фикру мулоҳизаҳои амалии муҳимро оид ба ҷанбаҳои алоҳидаи таҳлил иброз намуда, онҳо қобили дастгирӣ арзёбӣ гардиданд. Тавсияҳои манзургардида, дар ҳисоботи ниҳоӣ ва шарҳи харитасозии ҳуқуқӣ бо дарназардошти таҳлили ҳуқуқӣ ҷойгир карда шуданд, ки раванди пай дар паии таҳлилро ташкил медиҳад.

Бояд гуфт, ки истифода аз равишҳои мазкур имкон фароҳам овард, ки таҳлили ҳуқуқии низоми қонунгузории ҶТ вобаста ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода пурра анҷом дода шуда, афзалиятҳои татбиқи ҳуқуқи байналмилалии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода (IDRL) дар қонунгузории кишвар асоснок карда шаванд.

## ҚИСМИ II. МЕХАНИЗМҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ВОКУНИШ БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА (IDRL)

### 2.1. Таҳлили санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ вобаста ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода

***1) Махсусиятҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода***

Санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ вобаста ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ҳамчун асоси муҳим ва зарурӣ барои рушди низоми ҳуқуқии ҳар як кишвар ба шумор мераванд. Чунки механизмҳои пешбининамудаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ боис ба он мегарданд, ки муқаррароти қонунгузории кишварҳо дар самтҳои муайян, махсусан дар самти вокуниши байналмилалӣ ба ҳолатҳои фавқулода такмил ёбад.

Бояд гуфт, ки механизмҳои байналмилалии универсалӣ ва минтақавӣ дар доираи фаъолияти ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ мавҷуданд, ки тавассути он ҳамкорӣ дар самти вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла, яке аз чунин санадҳоро **Барномаи қолабии Сендай оид ба паст намудани хавфи офатҳо барои солҳои 2015-2030**, ки тибқи қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ аз 03 июни соли 2015, №69/283 аз ҷониби давлатҳои аъзои СММ маъқул дониста шуд, ташкил менамояд.

Барномаи мазкур аз якчанд мақсаду моҳият иборат мебошад, ки дар самти ҳуқуқи байналмилалии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ин:

- то соли 2030 ба таври назаррас кам намудани сатҳи шумораи одамони зарардида дар ҷаҳон то он, ки дар давраи солҳои 2020-2030 шумораи миёнаи зарардидагон аз офатҳои табиӣ ба ҳисоби 100 000 одам камтар аз нишондодҳои солҳои 2005-2015 бошад. Бояд гуфт, ки ҳадафи мазкур дар пасманзари вокуниши байналмилалӣ-ҳуқуқӣ амалӣ гардида, ҳамкории густурдаи давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалиро дар ҳамбастагӣ фаро мегирад;

- то соли 2030 ба таври назаррас кам намудани зиёни расонидашуда аз ҳисоби офатҳои табиӣ ба объектҳои инфрасохторӣ ва зарар дар намуди вайронкунии кори асосии онҳо, аз ҷумла муассисаҳои тиббӣ ва таълимӣ аз ҳисоби баланд бардоштани иқтидори онҳо. Раванди мазкур низ ҳамчун вокуниши байналмилалӣ ба шумор рафта, дар доираи кӯмакҳои байналмилалӣ зиёни расонидашудаи офатҳои табиӣ кам мегардад. Махсусан, барқарорсозии иқтидори муассисаҳои тиббӣ ва таълимӣ заминаи асосии бартараф намудани офатҳо дар бахши инфрасохторӣ маҳсуб мегардад.

- ба таври назаррас васеъ намудани ҳамкориҳои байналмилалӣ бо давлатҳои ру ба рушд тавассути дастгирии ҳамаҷониба ва мунтазами онҳо

бо мақсади устувор гардонидани тадбирҳое, ки барои амалисозии Барномаи Сендай то соли 2030 дар сатҳи миллӣ амалӣ мешавад. Ҳадафи мазкур низ заминаи муҳим ба шумор рафта, дар доираи он ҳамкориҳои густурдаи давлатҳо ҷиҳати вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ва ҷорӣ намудани кӯмакҳо мусоидат менамояд. Дар ин замина, зарур аст, ки муқаррароти санадҳои қонунгузории кишварҳо ба ҳолати соддагардонии ҳамкориҳо дар вазъияти фавқулода мувофиқ гардонида шавад.

Ҳамчунин, дар доираи **Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ** (минбаъд – СААД) кишварҳои аъзо оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода тавассути амалисозии ҳамкории наздисарҳадӣ фаъолият менамоянд, ки он тибқи санадҳои ҳуқуқии минтақавӣ кафолат дода мешавад. Махсусан доир ба вокуниши бевосита ба ҳолатҳои фавқулода Қувваҳои дастҷамъонаи вокуниши фаврии СААД амал менамояд. Бояд гуфт, ки Қувваҳои мазкур дар шароити осоишта ва ҳолатҳои фавқулода бо дархости расмии давлатҳои аъзои СААД, ё қабули қарори консенсуалӣ аз ҷониби онҳо дар ҳудуди муайян бо мақсадҳои мушаххас, аз ҷумла пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода истифода мешаванд.

Вазъи ҳуқуқии Қувваҳои дастҷамъонаи вокуниши фаврии СААД тариқи созишномаи дахлдор муқаррар гардида, шарти асосии фаъолияти онҳо ҳам дар давраи осоишта ва ҳам ғайриосоишта мутобиқат намудани фаъолияташон ба қонунгузории давлати қабулкунанда мебошад. Агарчанде, ки таъиноти ин қувваҳо асосан барои татбиқи ҳуқуқи давлатҳо-аъзои СААД, таъмини мудофиаи дастаҷамъона, муқовимат ба дигар таҳдидҳои амниятӣ равона шуда бошад ҳам, имкон дорад, ки натанҳо барои гузаронидани машқҳои фармондеҳӣ-ситоди ҳарбӣ, инчунин, рафъи оқибатҳои фавқулода истифода шаванд.

Вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода дар минтақаҳои наздисарҳадии давлатҳои аъзои СААД бештар дар он маврид ҳадафнок буда метавонад, ки кафолати фаъолият ва воридоти кӯмакҳои дахлдор доир ба рафъи ҳолатҳои фавқулода дар қонунгузорӣ пешбинӣ гардида бошанд. Он фаъолияти субъектони кӯмакрасон, истифодаи таҷҳизоти техникиву наҷотдиҳӣ, кафолати таъмини бехатарии онҳо, соддагардонии расмиёти бақайдгирии онҳоро дар бар мегирад.

Дар бештари маврид дастрасии кӯмакҳо аз ҷониби давлатҳои аъзои СААД муҳим ва самараноку саривақтӣ буда, дар чорчубаи низоми қонунгузорӣ кафолати амалӣ гардидани онҳо дар шароити имрӯза зарур мебошад. Масалан, дар шакли соддаву сари вақт гузаронидани амалиётҳои гумрукӣ, андозӣ, дастрасии иҷтимоӣ ва ғайра. Қонунгузорӣ дар қисмати ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба ҳолатҳои фавқулода чораҳои мушаххасро бояд пешбинӣ намояд.

Яке аз механизмҳои муҳимро ҳамкориҳо дар сатҳи Осиёи Марказӣ ташкил менамояд. Дар ин самт, **Созишнома байни Ҷумҳурии**

**Қазоқистон, Қирғизистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон оид ба ҳамкорӣ аз 10 январи соли 1997** ба тасвиб расидааст.

Созишномаи чортарафаи номбурда шароити убури сарҳади давлатӣ аз тарафи гурӯҳҳои кӯмакрасон ва реҷаи будубоши онҳо дар ҳудуди давлати дархосткунанда, воридот, содирот ва транзити таҷҳизот ва бор барои рафъи ҳолатҳои фавқулода, истифодабарии ҳавопаймоҳо, ҷуброни хароҷоту зарар ва ҳалли баҳсҳоро низ муқаррар менамояд.

Бояд гуфт, ки давлатҳои иштирокдори Созишномаи чортарафа ҳамкориро дар самти пешгирии ҳолатҳои фавқулода дар шаклҳои гуногуни қобили таваҷҷуҳ ба амал мебароранд, ки оид ба вокуниши байналмилалӣ ба ҳолатҳои фавқулода ин расонидани ёрии аввалин ба аҳолӣ дар ҳолатҳои фавқулода ва расонидани кӯмаки мутақобила дар рафъи ҳолатҳои фавқулода ва андешидани чораҳо барои ҷойгир намудани аҳолии зарардида дар ҳудуди тарафҳои давлатҳои ҳампаймон ба шумор меравад.

Созишномаи мазкур низ кафолати расонидани кӯмакҳои гуногунро доир ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода аз ҷониби давлатҳои баимзорасонидаи он пешбинӣ ва кафолат медиҳад ва механизми ба амал баровардани чунин кӯмакҳо бошад, зарурати дар қонунгузории давлатҳо ба таври афзалиятнок пешбинӣ гардиданро тақозо менамояд.

Чунин муқаррар гардидааст, ки тарафҳои Созишномаи чортарафа барои кӯмак дар ҳолатҳои фавқулода дархост пешниҳод мекунанд, ки дар он дархосткунанда дар бораи хусусияти вазъияти фавқулода маълумот пешниҳод мекунад ва намуд ва ҳаҷми кӯмаки заруриро нишон медиҳад. Дархости мазкур сари вақт баррасӣ гардида, дар бораи имконият, ҳаҷм ва шартҳои расонидани кӯмак ба дархосткунанда хабар дода мешавад. Дар раванди кӯмакрасонӣ убури бемамониат аз ҳудуд, ирсоли таҷҳизот ва борҳои кӯмаки тарафҳои ёрирасонро тибқи қонунгузории миллӣ ва қоидаҳои байналмилалӣ таъмин менамояд.

Махсусан, вобаста ба ин қисмат зарурати соддагардонии қонугузории кишвар доир ба воридоти бемамониати молу таҷҳизоти зарурӣ, ирсоли таҷҳизоти ёрирасон ва борҳои кӯмакрасон аз ҷониби давлатҳо зарур мебошад.

Кӯмак дар вокуниш ба ҳолати изтирорӣ тавассути фиристодани гурӯҳҳои имдодрасонӣ ва маводи кӯмак ё дар шакли дигар дархостшуда расонида мешавад, ки шартҳо, намуд, ҳаҷм ва давомнокии он дар ҳар як ҳолати мушаххас аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлатҳо мувофиқа мегардад. Гурӯҳҳои имдодрасонӣ барои иҷрои корҳои наҷотдиҳии изтирорӣ дар минтақаи фавқулода истифода мешаванд.

Идоракунии оперативӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти гурӯҳҳои кӯмакрасон аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори ҷониби дархосткунанда тавассути роҳбарони ин гурӯҳҳо амалӣ мегардад. Тарафи дархосткунанда роҳбарони гурӯҳҳои ёрирасонро дар бораи вазъияти минтақаи фавқулода ва қисматҳои алоҳидаи кор хабар медиҳад ва дар мавридҳои зарурӣ ин

гурӯҳҳоро бо тарҷумонҳо ва таҷҳизоти алоқа таъмин менамояд, инчунин, бехатарӣ ва ёрии ройгони тиббиро таъмин менамояд. Гурӯҳҳои кӯмакрасон бояд муҷаҳҳаз бошанд, то дар минтақаи фавқулода дар тӯли 72 соат мустақилона кор намоянд.

Чунин раванд аз муҳтавои созишнома бармеояд ва зарурати мустаҳкамсозӣ ва кафолати ҳуқуқиро дар сатҳои қонунгузории кишвар тақозо менамояд.

***2) Қонунҳои намунавӣ ва тавсияҳои Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ ва Ассамблеяи парлумонии СААД доир ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода***

Василаи муҳими ҳамкории минтақавӣ вобаста ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ва расонидани кӯмак дар ҳолатҳои мазкур дар доираи санадҳои Ассаблеяи байнипарлумонии ИДМ қабулгардида, махсусан қонунҳои моделӣ ва тавсияву дастурҳои роҳбарикунанда нақши муҳимро иҷро менамоянд.

То ин муддат вобаста ба таъминоти ҳуқуқии ҳуқуқи ҳолатҳои фавқулода ва вокуниш ба он дар доираи Ассаблеяи байнипарлумонии ИДМ Қонунҳои намунавии ИДМ “Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиий ва техногенидошта” (қарори №10-6 аз 06.12.1997 с.), “Дар бораи ҳолатҳои фавқулода” (қарор аз 13.06.2000 с., №15-15), “Дар бораи мусоидат ба танзими кӯмаки башардӯстона ҳангоми ҳолатҳои фавқулода ва кӯмак дар баргузории корҳои аввалини барқарорсозӣ” (қарор аз 28.11.2014 с., №41-20), инчунин, Қонуни намунавии ИДМ “Дар бораи низоми ягонаи занг задан ба хадамоти изтирорӣ” (қарор аз 28.10.2022 с., №54-9) қабул гардидаанд, ки ҳамчун санадҳои тавсиявӣ барои давлатҳои аъзо ба шумор мераванд.

Дар як навбат ба роҳбарӣ гирифтани нишондоҳои санадҳои мазкур ва мустаҳкам намудани муқаррароти онҳо дар сатҳи қонунгузории миллӣ унсури муҳими рушди қонунгузорӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ мегадад.

Қобили зикр аст, ки оид ба ҳуқуқи байналмилалии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода муқаррароти Қонуни намунавӣ “Дар бораи мусоидат ба танзими кӯмаки башардӯстона ҳангоми ҳолатҳои фавқулода ва кӯмак дар баргузории корҳои аввалини барқарорсозӣ” (қарор аз 28.11.2014 с., №41-20)[1] марбут мебошад.

Ҷиҳати танзими ҳуқуқии кӯмаки башардӯстона дар ҷумҳурӣ санади меъёрии ҳуқуқии дахлдори зерқонунӣ - Низомномаи тартиби идораи кӯмаки башардӯстона ва техникӣ дар ҶТ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 9 ноябри соли 2000, №459 тасдиқ шудааст, қабул шудааст, ки муқаррароти мушаххасро оид ба тартиби қабул, кашонидан, дар анбор ҷобаҷокунӣ,

---

[1] Модельный закон «О содействии и регулировании международной помощи при чрезвычайных ситуациях и помощи в проведении первичных восстановительных работ» Приложение к постановлению МПА СНГ от 28.11.2014 г. № 41-20 / [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: https://iacis.ru/public/upload/files/1/576.pdf (санаи муроҷиат: 15.06.2025).

ҳифз ва тақсими кӯмаки башардӯстона ва кӯмаки техникии ба суроғаи мақоми ваколатдор воридгардида, муайян менамояд ва дар самти таҳлилшаванди санади махсуси ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Таҳлили ин санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар қисматҳои минбаъдаи таҳлил ба таври мукаммал оварда мешавад.

Натиҷаи таҳлил, нишон дод, ки имрӯзҳо бо мақсади мусоидат намудан ба танзими кӯмаки башардӯстона ҳангоми ҳолатҳои фавқулода ва кӯмак дар баргузории корҳои аввалини барқарорсозӣ дар Тоҷикистон масъалаи қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ-қонуни дахлдори соҳа ба вуҷуд омадааст. Таҷрибаи як қатор кишварҳо, аз ҷумла Қазоқистон нишон дод, ки дар ин давлат ҷиҳати танзимнамоии ҳуқуқии масъала Қоидаҳо оид ба расонидани кӯмаки башардӯстона қабул, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон аз 8 октябри соли 2019, №743 тасдиқ шудааст. Яке аз масъалаи ҳалталаб, ки дар санади меъёрии зерқонунии мазкур ҳаллу фасл шудааст, пешниҳоди худи истилоҳи “кӯмаки башардӯстона” ба маънои васеъ, аз ҷумла ҳангоми ҳолатҳои фавқулода, тартиби пешниҳоди дархост оид ба дастрасӣ ба кӯмаки башардӯстона, қабул ва тақсими он мебошад.

Тавсияҳо оид ба ҳамоҳангсозии қонунгузории давлатҳо-аъзои СААД дар доираи ҳамкориҳои наздисарҳадӣ ҳангоми бавуҷудоии ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта, ки бо қарори Ассамблеяи Парлумонии СААД аз 26 ноябри соли 2015, №8-8 тасдиқ гардидааст, санади муҳим доир ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ба шумор меравад. Тавсияҳои мазкур дар доираи ҳамкориҳои наздисарҳадӣ ҳангоми бавуҷудоии ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта дар фарқ аз тавсияҳои дигар таҳияи лоиҳаи созишномаи бисёрҷониба, аз ҷумла созишномаи дуҷонибаи намунавиро бо нишон додани чораҳои такмили расмиёти сарҳадӣ, гумрук ва дигар назорат, муайянсозии гузаштан ба таври соддакардашуда, пешбинӣ менамояд.

Дар ин ҷода масъалаҳои танзими ҳуқуқии муқаррар намудани вазъи ҳуқуқии отрядҳои махсусгардонидашудаи тиббӣ, ки ба зарардидагон кӯмаки аввалини тиббӣ мерасонанд, расонидани кӯмаки аввалини психологӣ ба зарардидагон, расмиёти таъмини он, ҳамоҳангсозии мақомоти давлатӣ ҳангоми ба вуҷуд омадани вазъияти фавқулода, ҳамоҳангсозии вокуниши башардӯстона ва расонидани кӯмак аз тарафи давлатҳои аъзои СААД, якзайл муайян намудани ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузорӣ ҳангоми огоҳсозии ҳолатҳои фавқулода ва барҳам додани оқибатҳои он, механизмҳои ҷуброни зиёни расонидашуда ба молу мулки шаҳрвандон, таъминоти молиявии чорабиниҳои гузаронидашаванда, таъсиси хадамоти ягонаи навбатдорӣ бо рақами ягонаи телефони наҷот матраҳ гардидааст.

**Дар маҷмуъ, мувофиқи мақсад аст, ки дар низоми қонунгузории кишвар қонуни алоҳида оид ба танзими ҳуқуқии кӯмаки**

**башардӯстона ҳангоми ҳолатҳои фавқулода ва кӯмак дар баргузории корҳои аввалини барқарорсозӣ таҳия ва қабул карда шавад.**

## 2.2. Мониторинги созишномаҳои байналмилалии Тоҷикистон оид ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода

Бояд гуфт, ки дар самти анҷом додани вокуниши сарвақтӣ ва самаранок ба ҳолатҳои фавқулода созишномаҳои байналмилалии Тоҷикистон аҳамияти муҳимро ишғол менамоянд. Маҳз дар заминаи онҳо дар шароити кунунӣ анҷом додани ҳамкориҳо байни давлатҳо, махсусан доир ба расонидани кӯмакҳои башардӯстона вобаста ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода анҷом дода мешавад.

Дар самти огоҳсозӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои фавқулода асосан шартномаҳои дуҷонибаи байниидоравии мақоми ваколатдори соҳавии Тоҷикистон - Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сохторҳои дахлдори соҳавии кишварҳои Арманистон, Беларус, Қатар, Қирғизистон, Қазоқистон, Узбекистон, Украина, Швейтсария ва Эрон ба тасвиб расонида шудаанд.

***1) Созишнома байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати ҳолатҳои фавқулода оид ба ҳамкории Ҷумҳурии Беларус дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода аз 30 июни соли 2012***

Созишномаи мазкур асоси муҳими ҳамкории сохторҳои ваколатдори давлатҳо дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода ба шумор меравад. Тибқи нишондодҳои Созишномаи мазкур ҳамкориҳои дутарафа дар доираи қонунгузории миллии давлатҳо дар самтҳои гуногуни ҳамкорӣ ба роҳ монда мешаванд, ки доир ба расонидани кӯмакҳо ҷиҳати вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода чунинҳо асос шуда метавонанд:

а) таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои муштараки ҳамкориҳои техникӣ, иҷтимоӣ ва гуманитарӣ. Дар доираи ин самти ҳамкорӣ Ҷумҳурии Беларус бо ҶТ ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода дастрасии воситаҳои техникӣ, иҷтимоӣ ва гуманитарӣ, ки расонидани кӯмакро дар бар мегиранд, таъмин менамоянд;

б) расонидани кӯмаки мутақобила ё кӯмаки муштарак ба давлатҳои сеюм дар мавриди зарурат вобаста ба рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ. Чунин самти фаъолияти ҳамкории давлатҳо барои расонидани кӯмакҳои мутақобила ва ё муштарк ба давлатҳои сеюм, ки тибқи ҳамкориҳои густурда пешбинӣ гардидаанд, ба роҳ монда мешавад. Ин ҳолат ҳамчун унсури вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода маҳсуб мегардад ва мутсаҳкамсозии раванди он дар қонунгузорӣ зарур мебошад.

Ҳамкориҳои дутарафаи Тоҷикитону Беларус дар доираи фаъолияти Комиссияи муштарак ба роҳ монда мешавад. Комиссияи муштараки Тоҷикистону Беларус дар навбати худ механизми мувақаттии татбиқи чорабинҳо вобаста ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода мебошад, ки дар ҳолатҳои зарурат таъсис дода мешавад.

***2) Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи мудофиаи гражданӣ (ҳифз), пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода аз 2 ноябри соли 2013***

Созишномаи мазкур низ, ки байни ҳукуматҳои ду давлат ба тасвиб расонида шудааст ҳамкории муштаркро дар соҳаи мудофиаи гражданӣ (ҳифз), пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода дар бар мегирад. Санади мазкур доир ба вокуниши байналмилалӣ ба ҳолатҳои фавқулода як афзалияти муҳимро пешбинӣ менамояд, ки тибқи он пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода бо назардошти имкони рух додани ҳолатҳои фавқулода, ки бо қувваю воситаҳо бартараф карда намешаванд, ба роҳ монда мешавад.

Боиси зикр аст, ки тибқи моддаи 2 Созишнома тарафҳои иҷрокунандаи он мақомоти ваколатдор Вазорати ҳолатҳои фавқулодаи Ҷумҳурии Қирғизистон ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати ҶТ муқаррар карда шудааст.

Бояд гуфт, ки яке аз шаклҳои муҳими вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода расонидани ёрии байниҳамдигарӣ дар таҷҳизонидани гурӯҳҳои ёрӣ; расонидани кӯмаки мутақобила дар вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода маҳсуб мегардад. Барои амалӣ кардани чунин ҳадаф давлатҳо ҳамкориро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии дар ҷараёни ба вуҷуд омадани ҳолатҳои фавқулода қабулшаванда, ба танзим медароранд. Аммо, кафолати дастрасии мусоиди чунин кӯмакҳо ба таври умумӣ дар қонунгузорӣ бояд мустаҳкам карда шавад.

Тибқи Созишномаи Тоҷикистону Қирғизистон ёрӣ оид ба рафъи ҳолатҳои фавқулода дар шаклҳои фиристодани гурӯҳҳои ёрирасон, таҷҳизот, маводи ёрирасон ва ғайра амалӣ мешавад. Гурӯҳҳои имдодрасонӣ дар минтақаи изтирорӣ корҳои наҷотбахшро анҷом медиҳанд. Гурӯҳҳои кӯмакрасон бояд муҷаҳҳаз бошанд, то дар минтақаи фавқулода дар тӯли 72 соат мустақилона кор кунанд. Баъди ба охир расидани таъминоти таҷҳизот аз ҷониби дархосткунанда ба гурӯҳҳои зикргардида барои кори минбаъдаи онҳо воситаҳои зарурӣ дода мешавад.

Ҳамчунин Созишномаи Тоҷикистону Қирғизистон низ шартҳои убури сарҳади давлатӣ аз ҷониби гурӯҳҳои кӯмакрасон ва низоми будубоши онҳо дар ҳудуди давлати дархосткунанда, воридот ва содироти таҷҳизот ва мавод барои кӯмак дар вокуниш ба ҳолати фавқулода, истифодаи

ҳавопаймо, ҷубронпулӣ, ҷуброни зарар, истифодаи иттилоотро муқаррар ва кафолат дода аст.

***3) Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Девони Вазирони Украина оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи пешгирии ҳолатҳои фавқулода ва рафъи оқибатҳои онҳо***

Созишномаи мазкур бо дар назардошти ба ҳисоб гирифтани хавфи вазъиятҳои фавқулода барои ҳарду кишвар, ҳамкорӣ дар соҳаи пешгирии ҳолатҳои фавқулода ва рафъи оқибатҳои онҳо ба некӯаҳволӣ ва амнияти ҳарду давлат, инчунин, зарурати мутобиқ намудани амалиёти тарафҳо бо мақсади пешгирӣ намудани вазъияти фавқулода ва рафъи оқибатҳои онҳо, дастгирии кӯшишҳои СММ дар соҳаи пешгирии ҳолатҳои фавқулода ва рафъи оқибатҳои онҳо, эҳтиром ва тасдиқи меъёрҳо ва қоидаҳои аз ҷониби умум қабулшуда, ки дар доираи созмонҳои гуногуни байналмилалӣ, конвенсияҳо ва созишномаҳои дахлдори байналмилалӣ мавҷуданд, инчунин, барои мусоидат намудан ба рушди қонунгузории миллӣ баста шудааст.

Тибқи Созишнома Тоҷикистону Украина ҳамкориҳо дар асоси санадҳои байналмилаӣ ва принсипҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи байналмилалӣ ба роҳ монда шуда, дар вазъияти фавқулода мурочиат барои кӯмак, таъмини қувва ва воситаҳои барои пешгирӣ ва ё рафъи оқибатҳои вазъияти фавқулода, тақсим кардани маводи кӯмак танҳо дар байни аҳолии зарардида амалӣ карда мешаванд. Бояд гуфт, ки расонидани кӯмаки ройгон ба роҳ монда мешавад. Таъмини амният, хизматрасонии ройгони тиббӣ, ғизо ва манзил, инчунин, ба аъзоёни гурӯҳи муштараки корӣ маводи зарурӣ медиҳанд.

Созишномаи Тоҷикистону Украина, инчунин, тартиби гузариши аз ҳудуди давлат ва қоидаҳои будубоши гурӯҳро оид ба расонидани кӯмак, интиқоли молу маводи кӯмакро муқаррар кардааст. Ҷиҳати таъмини самаранокӣ гурӯҳҳои ёрирасон сарҳади давлатиро ба тариқи соддашуда тавассути гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ, ба шарте, ки ҳар як аъзои гурӯҳ дорои ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахс бошад, убур мекунанд. Роҳбари гурӯҳ ба мақомоти назорати сарҳадӣ дар гузаргоҳи сарҳадӣ ҳуҷҷати аз ҷониби мақомоти салоҳияти тарафи таъминкунанда додашуда, ки роҳбарии гурӯҳро бо мақсади расонидани кӯмак тасдиқ мекунад ва рӯйхати шахсонеро, ки дар гурӯҳ сафар мекунанд, пешниҳод менамояд.

Тартиби истифодаи ҳавопаймо барои кӯмак дар муайян кардани масири пешбинишудаи парвоз, макони фуруд, аломатҳои мушаххаси ҳавопаймо, ҷадвали парвоз, ҷуброни хароҷоте, ки ҳангоми расонидани кӯмак барои нигоҳдории сӯзишворӣ ва ҳавопаймоҳо ва дигар ҳолатҳоро Созишнома Тоҷикистону Украина муқаррар кардааст. Давлати таъминкунанда ҳангоми иҷрои вазифаҳои марбут ба татбиқи Созишномаи Тоҷикистону Украина аз пардохти ҳаққи парвоз, фуруд омадан,

тавaққуфгоҳ дар фурудгоҳ ва парвоз аз он, инчунин, барои хизматрасонии радионавигатсионӣ озод мебошанд.

Ҳангоми расонидани зарар ба саломатии узви гурӯҳи кӯмак ё дар ҳолати фавти ӯ вобаста ба татбиқи Созишномаи Тоҷикистону Украина давлати таъминкунанда тамоми хароҷоти вобаста ба ҷуброни зарарро ба дӯш гирифта, маблағи ҷуброн бо мувофиқаи байни тарафҳо муқаррар карда мешавад.

***4) Созишнома оид ба ҳамкории техникӣ ва молиявӣ, инчунин кӯмаки башардӯстона байни Шӯрои Федеролии Швейтсария ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 19 ноябри соли 1999 баста шудааст***

Созишнома бо Конфедератсияи Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар вазъияти фавқулода василаи муҳими ҳамкориҳо бо кишварҳои алоҳида дар Аврупо ба шумор меравад. Бояд гуфт, ки мақомоти ваколатдори татбиқи Созишномаи Швейтсария ва Тоҷикистон – Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати ҶТ ва Комиссар оид ба кӯмаки башардӯстона ва сардори шуъбаи Швейтсария оид ба кӯмаки башардӯстона буда, онҳо бевосита дар ҳолатҳои зарурӣ масъалаҳои ба миён омадаро баррасӣ менамоянд.

Мутобиқи Созишномаи Швейтсария ва Тоҷикистон тарафҳои он кӯмакҳоро мустақим ё ғайримустақим тавассути воҳидҳои кӯмакрасон, аз ҷумла Наҷотдиҳандагони Швейтсария бо истифода аз таҷҳизоти зарурӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ бо дигар воситаҳои қобили қабул мерасонанд. Онҳо метавонанд тавассути замин, ҳаво ё об ба минтақаи осебдида дар муддати кӯтоҳ фиристода шаванд. Кӯмак бебозгашт буда, дар сурати ба миён омадани зарурат дар рафти кор ва бо дархости воҳидҳои ёрирасон, аз ҷумла наҷотдиҳандагони Швейтсария, давлати дархосткунанда бояд ба ҷузъу томҳо аз ҳисоби худ кӯмаки заруриро, ки тибқи созишномаи тарафайн муайян шудааст, расонад.

Таҳлили шартномаҳои дуҷониба нишон дод, ки дар онҳо масъалаҳои марбут ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ба таври умум ҳалли худро ёфтаанд.

## ҚИСМИ III. МЕХАНИЗМҲОИ МИЛЛӢ ОИД БА ВОКУНИШ БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 3.1. Таҳлил ва арзёбии ҳуқуқии низоми қонунгузории ҶТ оид ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода

Доир ба низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулода дар ҶТ санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳида қабул гардида, масоили вобаста ба вокуниш ба онҳо ба таври бевосита ва бавосита мавриди танзим қарор дода шудааст. Аз ҷумла, чунин санадҳои қонунгузорӣ масоили вобаста ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодаро мавриди танзим қарор додаанд:

***1) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Санади олии ҳуқуқӣ ва сарчашмаи тамоми низоми қонунгузории ҶТ-ро маҳз Конститутсия ташкил намуда, дар пасманзари муқаррароти он санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ, махсусан дар самти ҳолатҳои фавқулода ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода таҳия ва қабул карда мешаванд.

Доир ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода якчанд муқаррароти Конститусияро ишора намудан ба мақсад мувофиқ аст. Аз ҷумла, дар **моддаи 11** пешбинӣ гардидани ба роҳ монда шудани муносибатҳои хориҷиии ҶТ бо давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилаливу минтақавӣ дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ заминаи муҳим ба шумор меравад. Бо ба роҳ монда шудани мунсоибатҳои дӯстона ҶТ бо давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои сатҳи гуногун оид ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ҳамкориҳоро ҷоннок менамояд. Қабул ва ба тасвиб расидани шумораи зиёди созишномаву санадҳои ҳамкорӣ дар бахши вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода маҳз заминаи бунёдии хешро аз муқаррароти моддаи 11 Конститутсия мегирад. Аз ин лиҳоз, ин муқаррароти Конститутсия дар бахши таҳлилшаванда асос мебошад.

Муқаррароти **моддаи 46** Конститутсия бошад сабаб ва омилҳои асосии эълон намудани ҳолатҳои фавқулода, муҳлат ва асосҳои тамдиди онро пешбинӣ менамояд Ин муқаррароти Конститутсия доир ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода аз он дидгоҳ таъсиргузор мебошад, ки маҳз дар заминаи эълони чунин вазъият чораҳои вокуниш ва расонидани кӯмак доир ба бартараф намудани ҳолатҳои фавқулода ба вуҷуд меоянд. Дар заминаи ин муқаррарот тибқи созишномаву санадҳои мутақобила бо давлатҳо ва ташкилотҳои гуногун ҳамкориҳо оид ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ба роҳ монда мешавад.

Махсусияти муҳиму асосии дигар, ки ба масоили вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода мутаалиқ мебошад, ин таъмин намудани ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон дар раванди мазкур ба шумор меравад. **Моддаи 47** Конститутсия муқаррар менамояд, ки дар давраи вазъияти фавқулода як қатор ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз қабилӣ ҳимояи ҳуқуқҳои

шаҳрвандон дар хориҷи кишвар ва баробарии таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони хориҷӣ дар ҶТ (моддаи 16), барбарҳуқуқии ҳама дар назди қонун ва суд (моддаи 17), ҳуқуқ ба ҳаёт (моддаи 18), ҳуқуқ ба кафолати ҳифзи судӣ (моддаи 19), бегуноҳӣ то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд (моддаи 20), ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил (моддаи 22), ҳуқуқи дастрасӣ ба ҳуҷҷатҳои шахсӣ (моддаи 25) ва ҳуқуқи муттаҳид шудан (моддаи 28) маҳдуд карда намешавад.

Муқаррароти мазкур низ ишора ба он менамояд, ки ҳатто чораҳои вокуниш набояд ба вайрон намудан ва маҳдуд намудани чунин ҳуқуқу озодиҳои инсон роҳ диҳанд. Ин ҳолат, дар самти вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода бояд ба роҳбарӣ гирифта шавад.

**Моддаи 63** Конститутсия бошад дар давраи вазъияти фавқулода пароканда нагардидани Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагонро пешбинӣ намуда, дар ин вазъият ҷорӣ намудани василаҳои вокуниш ва ба роҳ мондани ҳамкориҳо оид ба бартараф намудани ҳолатҳои фавқулодаро тақозо менамояд. Аз ин дидгоҳ, ин муқаррарот доир ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ҳамчун замина баромад менамояд.

**Моддаи 69** бо он асос ба сифати заминаи ҳуқуқии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода баромад менамояд, ки ба имзо расонидани шартномаҳои байналмилалӣ, махсусан дар самти мазкур ҳамчун салоҳияти бевоситаи Президенти мамлакат мебошад ва он дар сархати 17 моддаи болозикри Конститутсия муқаррар гардидааст.

Ҳамчунин, сархати 23 моддаи мазкури Конститутсия низ ҳамчун асос ба шумор меравад, чунки дар заминаи он дар саросари ҷумҳурӣ ва ё дар маҳалҳои алоҳидаи он вазъияти фавқулодаро Президенти мамлакат эълон намуда, фармонро фавран ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд ва ба Созмони Милали Муттаҳид хабар медиҳад.

Дар маҷмуъ, муқарраротҳои болозикри Конститутсия ҳамчун заминаи муҳим дар самти вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ва ҷорӣ гардидани кӯмак ҳангоми ба вуқуъ омаданаи ҳолатҳои фавқулода ба шумор рафта, дар заминаи онҳо санадҳои қонунгузории алоҳида, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ қабул, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва созишномаву санадҳои ҳамкорӣ ба тасвиб расонида мешаванд, ки зинаҳои минбаъдаи таҳлил ба онҳо равона карда мешавад.

***2) Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда”***

Қонуни конститутсионии мазкур яке аз санаҳои муҳими ҳуқуқӣ дар ин самт маҳсуб мегардад, ки ҳануз дар нахустин солҳои соҳибистиқлолӣ бо мақсади тақвияти моддаи 47 конститутсия қабул карда шуда, то ин муддат амал менамояд. Дар Қонуни конститутсионии мазкур тартиб ва шарту

шароити эълони вазъияти фавқулода, ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ ва ғайра мавриди танзим қарор дода шудааст.

Бояд гуфт, ки таҳлили муқаррароти Қонуни мазкур нишон медиҳад, ки дар он оид ба масоили вокуниши байналмилалӣ ба ҳолатҳои фавқулода ягон муқаррароти бевосита пешбинӣ нагардидааст. Ҳол он ки Қонуни конститутсионии мазкур санади муҳими ба танзимдарорандаи муносибатҳо дар низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулода ба шумор меравад.

Вобаста ба ин, зарурати ворид намудани муқаррароти мушаххас дар сатҳи Қонуни конститутсионии мазкур зарур мебошад. Аз ҷумла, чунин таклифҳо мувофиқи мақсад мебошад:

**1) пеш аз ҳама зарурати дар таҳрири нав бо дарназардошти муқаррароти Қонунҳои ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”, “Дар бораи забони давлатӣ”, ташкил ва мустаҳкамгардии низоми сохтории воҳидҳои ваколатдори давлатӣ, ҷамъиятӣ, байналмилалӣ, ба вуҷуд омадани созишномаву санадҳои ҳамкорӣ бо дигар давлатҳо ва ташкилотҳои сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ ва амсоли ин қабул намудани Қонуни конститутсионии “Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда” ба вуҷуд омадаст. Ба сифати замина чунин сохтори лоиҳаи Қонуни конститутсионӣ пешниҳод мегардад:**

**Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулода”**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии тартиб ва шакли вазъияти фавқулода, инчунин ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракуниро танзим намуда, ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд дар раванди ҳолатҳои фавқулода равона мегардад.

**БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ**

Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Моддаи 2. Тартиби ҷорӣ намудани ҳолатҳои фавқулода

Моддаи 3. Асосҳои ҷорӣ гардидани вазъияти фавқулода

Моддаи 4. Принсипҳои низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулода

Моддаи 5. Ҳудуди эълон гардидани вазъияти фавқулода

Моддаи 6. Мухлати ҷорӣ гардидани вазъияти фавқулода

Моддаи 7. Тадбирҳои асосӣ, ки дар ҷараёни вазъияти фавқулода ҷорӣ карда мешаванд

Моддаи 8. Роҳбарии раванди вазъияти фавқулода

Моддаи 9. Тартиби ҷорӣ намудани чораҳои амниятиву бехатарӣ дар ҷараёни вазъияти фавқулода

**БОБИ 2. ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ДОИР БА НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ВАЗЪИЯТИ ФАВҚУЛОДА**

Моддаи 10. Салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба

низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулода

Моддаи 11. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулода

Моддаи 12. Салоҳияти мақомоти судӣ дар ҷараёни вазъияти фавқулода

Моддаи 13. Ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар самти ҳолатҳои фавқулода оид ба низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулода

Моддаи 14. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ доир ба низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулода

Моддаи 15. Ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулода

Моддаи 16. Ваколатҳои мақомотҳои давлатӣ, ташкилоту муасиса ва сохторҳои дигар оид ба низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулода

**БОБИ 3. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ШАҲРВАНДОН ВА ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР ҲОЛАТИ ВАЗЪИЯТИ ФАВҚУЛОДА**

Моддаи 17. Ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар ҷараёни вазъияти фавқулода

Моддаи 18. Уҳдадориҳои шаҳрвандон дар ҷараёни вазъияти фавқулода

Моддаи 19. Ҳуқуқҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар ҳолати вазъияти фавқулода

**БОБИ 4. МЕХАНИЗМҲОИ ВОКУНИШ БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА**

Моддаи 20. Механизмҳои миллии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода

Моддаи 21. Механизмҳои байналмилалии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода

**БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ**

Моддаи 22. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон намудани талаботи Қонуни конститутсионии мазкур

Моддаи 23. Тартиби ҳалли баҳсҳо

Моддаи 24. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни конститутсионии мазкур

**2) дар Қонуни конститутсионии мазкур муқаррароти бевосита оид ба механизмҳои байналмилалии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода бояд пешбинӣ карда шавад. Дар он кафолати ҷорӣ гардидани вокуниши байналмилалӣ ба ҳолатҳои фавқулода, воситаҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт ва шаклу тарзи расонидани кӯмаки байналмилалӣ ҷиҳати рафъи ҳолатҳои фавқулода бояд муқаррар гарданд, ки он тавонад заминаи муҳими ҳуқуқӣ дар самти мазкур гардад.**

***3) Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Қобили тазаккур аст, ки доир ба соддагардонии барасмиятдарории гумрукӣ ва афзалиятҳои хос дар самти воридоти молу маҳсулоти байналмилалӣ ҷиҳати вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода муқаррароти Кодекси гумруки Тоҷикистон нақши муҳимро иҷро менамояд.

Дар Кодекси гумруки ҶТ якчанд муқарраротҳои бевосита дар ин самт пешбинӣ гардидааст. Тибқи муқаррароти моддаи 67, ки тартиби дар навбати аввал барасмиятдарории гумрукиро дар бар мегирад, муқаррар гардидааст, ки ҳангоми ба ҳудуди гумрукии ҶТ ворид намудан ва аз ҳудуди он содир намудани моле, ки барои рафъи оқибати офатҳои табиӣ, садамаҳо ва фалокат зарураанд, барасмиятдарории гумрукии онҳо ба таври соддагардонидашуда ва дар навбати аввал анҷом дода мешавад. Муқаррароти ин модда кафолати соддагардонии барасмиятдарории гумрукиро барои молу таҷҳизоте, ки ба ҳудуди кишвар барои рафъи ҳолатҳои фавқулода ворид карда мешаванд, дар бар мегирад.

Дар асоси муқаррароти моддаи 290 Кодекси мазкур нисбати моле, ки аз сарҳади гумрукӣ интиқол дода шуда, барои пешгирӣ ва рафъи офатҳои табиӣ ва дигар ҳолатҳои фавқулода таъин гардидааст, аз ҷумла моле, ки барои тақсими ройгон ба шахсони дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода зарардида таъин шудааст ва моле, ки барои амалиёти садамавию наҷотдиҳӣ, дигар амалҳои таъхирнопазир ва фаъолияти ташкилотҳои садамавию наҷотдиҳӣ зарурааст низоми гумрукии махсус муқаррар карда мешавад.

Ҳамчунин, сархати сеюми қисми якуми моддаи 345 Кодекси гумрук пешбинӣ менамояд, ки барои воридоти молҳо ба сифати кӯмаки башардӯстона, воридоти молҳое, ки ройгон ба ташкилотҳои эҳсонкорӣ барои мақсадҳои рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ, садама ва фалокатҳо дода мешаванд аз пардохти боҷҳои гумрукӣ озод мебошанд.

***4) Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Кодекси андози ҶТ низ яке аз санадҳои муҳим дар самти мазкур ба шумор меравад ва он бояд механизми мусоиди андозбандии раванди вокуниши байналмилалӣ ба ҳолатҳои фавқулодаро пешбинӣ намояд.

Дар **моддаи 2**, ки мафҳумҳои асосиро пешбинӣ менамояд, ду муқаррароти мушаххас, грант ва кӯмакҳои байналмилалӣ, шарҳу тавзеҳ дода шудаанд, ки унсурҳои кӯмаки байналмилалиро доир ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода фаро мегиранд. Тибқи он грант – воситаҳои пулӣ ва (ё) молу мулки дигаре, ки ройгон ва бебозгашт барои ноил шудан ба ҳадафҳои муайян аз сарчашмаҳои зерин дода мешаванд:

а) аз ҷониби давлатҳои хориҷӣ (ҳукуматҳои давлатҳои хориҷӣ), ташкилотҳои байналмилалӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ - ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

б) аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ - ба мақомоти дахлдори давлатӣ ҷиҳати бартараф намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ ё ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ;

в) аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ ва хориҷӣ, ташкилот ва фондҳои хориҷии ғайриҳукуматии ҷамъиятӣ, ки фаъолияти онҳо хусусияти эҳсонкорӣ ва (ё) байналмилалӣ дошта, хилофи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошад - ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бояд гуфт, ҳар як унсури мазкур ба воситаҳои кӯмакҳои байналмилалӣ доир ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода мутааллиқ мебошанд.

Дигар муқаррароти бевоситаро ин кӯмаки башардӯстона ташкил менамояд, ки он мол (кор, хизматрасонӣ), ки ройгон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ барои пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳодисаҳои фавқулодаи дорои хусусияти ҳарбӣ, экологӣ, табиӣ, техногенӣ, беҳтар намудани шароити зисти аҳолӣ ва ғайра фиристода шудааст, мебошад.

Бояд гуфт, ки дар муқарраротҳои минбаъдаи Кодекси андоз оид ба пешбинӣ намудани чораҳои афзалиятноки андозӣ ба кӯмакҳои байналмилалӣ ва грантҳо нишондодҳои мушаххас оварда шудааст.

Муқаррароти **моддаи 32** Кодекси мазкур имтиёзҳои андозиро пешбинӣ менамояд, ки доир ба воситаҳои вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода муқаррароти бевосита надошта, дар қисми 10 пешбинӣ мешавад, ки дар ҳолати офатҳои табиӣ (заминларза, обхезӣ) ва ҳолатҳои фавқулода (эпидемия ва пандемия) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба ҳамаи андозсупорандагон ё гурӯҳи андозсупорандагон таътили андозӣ пешниҳод намояд, ки ин меъёр ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ татбиқ мегардад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳими кӯмакҳои башардӯстонаро доир ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода озодкунӣ аз андоз ташкил менамояд. **Моддаи 189**, махсусан банди 10 ба сифати яке аз намудҳои даромадҳои шахсони воқеӣ, ки андозбандӣ карда намешаванд маблағҳои дар шакли кӯмаки башардӯстона ва кӯмаки эҳсонкорӣ, аз ҷумла ҳангоми офатҳои табиӣ, дастрас намудаи шаҳрвандонро пешбинӣ намудааст.

Дар муқаррароти моддаи мазкур маблағҳои дар шакли кӯмаки башардӯстона ва кӯмаки эҳсонкорӣ, аз ҷумла ҳангоми офатҳои табиӣ барои инфрасохтори дигар ташкилоту муассисаҳои кишвар пешбинӣ нагардидааст.

Тибқи муқаррароти қисми сеюми **моддаи 193** Кодекси андоз ба андозсупоранда тарҳкунӣ барои пардохтҳо ё кӯмакҳои дигар барои пешгирии оқибатҳо ё расонидани кӯмак дар робита бо офатҳои техногенӣ ё табиӣ ё эпидемия иҷозат дода шудааст.

Дар асоси муқаррароти **қисми 4 моддаи 251** Кодекси мазкур бошад, ба сифати яке аз намудаҳои воридот, ки аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд ин воридоти молҳое, ки ройгон ба мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд, воридоти молҳо ба сифати кӯмаки башардӯстона, воридоти молҳое, ки ба ташкилотҳои эҳсонкорӣ барои мақсадҳои рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ, садама ва фалокатҳо ройгон дода мешаванд, ба шумор меравад.

Ҳамчунин, дар асоси муқаррароти сархати 5 **моддаи 286** аз пардохти андози аксиз - молҳои зераксизӣ, ба ғайр аз маҳсулоти спиртдор ва тамоку, ки дар доираи кӯмакҳои башардӯстона ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешаванд, инчунин молҳои воридшаванда, ки ройгон ба ташкилотҳои эҳсонкорӣ барои бартараф намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ, садамаҳо, фалокатҳо ва ба мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ройгон дода мешаванд озод мебошанд.

***5) Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Кодекси тандурустии ҶТ низ доир ба муқаррар намудани кафолатҳои иҷтимоӣ ҳангоми расонидани кӯмакҳои тиббӣ доир ба бартараф намудани ҳолатҳои фавқулода нақши муҳимро иҷро менамояд. Дар ин самт таҳлили муқарраротҳои мушаххаси Кодекси мазкур ва муайян намудани механизмҳои таъсиргузори он баҳри кафолати таъмини расонидани кӯмаки тиббӣ аз ҷониби имдодрасонони байналмилалӣ зарурӣ ва саривақтӣ маҳсуб мегардад.

Тибқи **моддаи 5** ба сифати яке аз салоҳиятҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тандурустӣ ба амал баровардани чорабиниҳое, ки ҳангоми ҳолатҳои фавқулода ба наҷотдиҳии ҳаёти инсон ва ҳифзи саломатии онҳо равона гардидаанд, ба шумор мервад.

Қисми 4 **моддаи 8** дар хусуси ҳамкории байниидоравӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар соҳаи тандурустӣ пешбинӣ менамояд, ки ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои тандурустӣ дар соҳаи тиббӣ, офатҳо аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании амалӣ карда мешавад. Муқаррароти ин модда ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкориро дар соҳаи мазкур зимни ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулода ба салоҳияти мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании ҳавола менамояд.

Дар як навбат **моддаи 9** пешбинӣ месозад, ки ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи саломатии аҳолӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва мақомоти дахлдори давлатҳои хориҷӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Мақомоти тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ҳамкориро дар соҳаи тандурустӣ бо ташкилотҳои

байналмилалӣ, давлатҳои хориҷӣ ва мақомоти дахлдори онҳо ба роҳ мемонад. Ин муқаррарот фарогири ҳамкориҳо доир ба вокуниши байналмилалӣ ба ҳолатҳои фавқулода ба шумор меравад.

Дар **моддаи 134** Кодекси тандурустӣ тартиби иваз намудани хуни донорӣ ва ҷузъҳои он, доруворӣ аз хуни донорӣ ва баровардани онҳо аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки қисми 2 он ишора ба он менамояд, ки аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани хуни донорӣ ва ҷузъҳои он, доруворӣ аз хуни донорӣ, танҳо дар ҳолатҳои расонидани кӯмаки таъҷилии башардӯстона ва ҳолатҳои фавқулода бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

**Моддаи 146** Кодекси таҳлилшаванда расонидани кӯмаки тиббӣ ба шаҳрвандоне, ки дар натиҷаи офатҳои табиӣ зарар дидаанд маҳсуб гардида, хусусияти ҳаволакунанда дорад. Тибқи қисми якуми он шаҳрвандоне, ки дар натиҷаи офатҳои табиӣ зарар дидаанд, шахсоне мансуб меёбанд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст. Тибқи қисми 2 ба шаҳрвандони дар натиҷаи офатҳои табиӣ зарардида, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмаки тиббӣ расонида мешавад.

**Бояд қайд намуд, ки Кодекси мазкур санади бунёдии кодификатсионӣ дар соҳаи тандурустӣ маҳсуб мегардад. Аз ин лиҳоз, тартибу шакл ва афзалияти расонидани кӯмаки тиббӣ ва ҳамкориҳои байналмилалиро дар ин самт доир ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода бояд муқаррар намояд ва танҳо хусусияти техникиву шаклбандии бемориҳоро ба сандаҳои зерқонунӣ ҳавола созад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки муқаррароти моддаи 146 Кодекси тандурустии ҶТ мукаммал карда шавад.**

***6) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ”***

Қонуни мазкур меъёрҳои ташкилию ҳуқуқиро дар соҳаи ҳифзи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бидуни шаҳрвандӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматдошта (минбаъд - аҳолӣ), инчунин замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар бойгарии табииро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, иншооти таъиноти истеҳсолию иҷтимоӣ ва инчунин муҳити зистро (минбаъд - ҳудуд) аз ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта (минбаъд- ҳолатҳои фавқулода) муайян менамояд.

Муносибатҳои ҷамъиятии оид ба пешгирии рух додан ва вусъати ҳолатҳои фавқулода, кам кардани ҳаҷми зарар ва талафот аз ҳолатҳои фавқулода, рафъи ҳолатҳои фавқулода ва сари вақт огоҳ намудани аҳолии минтақаҳои хавфнок аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ доштаро ба танзим медарорад.

Дар он салоҳият ва вазифаҳои мақомоти давлатӣ ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои фавқулода ва кам кардани густаришу зиёни онҳо, саривақт огоҳ намудани мардум аз сар задани ҳолатҳои фавқулода ва бартарафсозии оқибати онҳо, ҳамкории мақомоти давлатӣ бо ниҳодҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои ҷаҳонӣ, омода ва истифодаи қувваю воситаҳои дахлдор, муайян намудани ҳудуди ҳолатҳои фавқулода, ҳалли дигар масъалаҳои ҳифзи аҳолӣ ва ҳудудҳо аз ҳолатҳои фавқулода, инчунин, ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ пешбинӣ карда шудаанд.

Бояд гуфт, ки оид ба вокуниши байналмилалӣ вобаста ба ҳолатҳои фавқулода дар Қонуни мазкур муқаррароти бевосита ҷой надорад. Танҳо дар моддаи 6 қонун ба сифати яке аз вазифаҳои асосии системаи ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода пешбинӣ гардидааст.

Инчунин, дар моддаи 9, ки салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода пешбинӣ менамояд, муқаррар мегардад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба роҳбарии бевосита ҷиҳати бартараф намудани ҳолатҳои фавқулода ва расонидани ёрӣ ҳангоми рух додани он қарор қабул менамояд. Ин муқаррарот ба таври бавосита дар самти расонидани кӯмакҳои байналмилалӣ оид ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода таъсиргузор буда метавонад.

**Таҳлили муқаррароти Қонуни мазкур собит менамояд, ки он дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода, яъне соҳаи ҳолатҳои фавқулода асосӣ ба шумор меравад. Аммо, дар он ба таври мукаммал ва мушаххас масоили ҳамкориҳои байналмилалӣ ва расонидани кӯмаки байналмилалӣ доир ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода муқаррарот пешбинӣ нагардидааст. Ин ҷиҳат, номукаммалии муқаррароти Қонуни мазкурро ифода намуда, зарурат ба такмил дорад.**

**Махсусан дар самти густариш ва кафолати ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба ҳолатҳои фавқулода дар Қонуни мазкур боби алоҳида бояд ворид карда шавад. Ин боб ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода номгузорӣ гардида, сохтори намунавиии моддаҳои он дар шакли зерин пешбинӣ карда шаванд:**

**БОБИ 6.1. ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ ҲИФЗИ АҲОЛӢ ВА ҲУДУД АЗ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА**

Моддаи 27.1. Механизми ҳуқуқии ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода

Моддаи 27.2.Ҳамкориҳои байналмилалӣ доир ба пешгирии ҳолатҳои

фавқулода

Моддаи 27.3. Ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба рафъи ҳолатҳои фавқулода

Моддаи 27.4. Тартиби анҷом додани кӯмакҳои байналмилалӣ ба аҳолии аз офатҳои табиӣ зarrардида

Моддаи 27.5. Механизмҳои ҳуқуқии муносибатҳои гумрукӣ, андозӣ, тиббӣ, иҷтимоию техникӣ ва ҷисмонӣ ҳангоми расонидани кӯмакҳои байналмилалӣ оид ба бартараф намудани ҳолати фавқулода

***7) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон"***

Қонуни мазкур асосҳои умумии ташкилию ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ ва сохторҳои садамавию наҷотдиҳиро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, ҳуқуқу ӯҳдадориҳо ва масъулияти наҷотдиҳондагонро муқаррар месозад, асосҳои сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқию иҷтимоии наҷотдиҳандагон ва дигар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ иштирок мекунанд, танзим менамояд.

Қонуни мазкур низ доир ба ҳолатҳои фавқулода муҳим ба шумор меравад. Таҳлили муқаррароти он нишон медиҳад, ки пурра масоили дохилии ташкили хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагонро танзим намуда, доир ба ҳамкориҳои байналмилалии хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ ва сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ муқаррароти мушаххасе дар он мавҷуд намебошад.

Ҳамзамон, Қонуни мазкур вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагонро бо фарогирии масъалаҳои мафҳум ва моҳияти наҷотдиҳандагон, ҳуқуқҳои наҷотдиҳандагон, кафолати фаъолияти наҷотдиҳандагон, ухдадориҳои наҷотдиҳандагон, тартиби кор (хизмат) ва истироҳати наҷотдиҳандагон, пардохти музди меҳнати наҷотдиҳандагон, ҳуқуқ ба манзил, кафолатҳои суғуртавии наҷотдиҳандагон, ҳифзи иҷтимоии аъзои оилаи наҷотдиҳандагон, шаҳрвандоне, ки наҷотдиҳанда набуда, ҷиҳати иҷрои корҳо ба рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода ҷалб карда мешаванд мавриди танзим қарор додааст.

**Бо дарназардошти таҳлили муқаррароти Қонуни мазкур вобаста ба асосҳои ҳуқуқи байналмилалии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода зарур шуморида мешавад, ки ба Қонуни мазкур баъзе иловаҳои мушаххас ворид карда шаванд. Аз ҷумла:**

**1) дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва**

**вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон” мафҳуми “наҷотдиҳандаи хориҷӣ” бевосита пешбинӣ карда шавад;**

**2) дар моддаи 3 Қонуни мазкур ба сифати яке аз принсипҳои асосии фаъолияти хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва наҷотдиҳандагон “принсипи ҳамкории байналмилалии хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ ва сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ доир ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода” пешбинӣ гардад;**

**3) ба Қонуни мазкур моддаи алоҳида, махсуаан моддаи 17[1] бо номи “Ҳамкориҳои байналмилалии хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ ва сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ оид ба рафъи ҳолатҳои фавқулода” илова карда шавад;**

**4) дар Қонуни мазкур боби алоҳида оид ба вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагони байналмилалӣ дар шакли зерин илова карда шавад:**

**БОБИ 3.1. ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ НАҶОТДИҲАНДАГОНИ ХОРИҶӢ**

Моддаи 29.1. Механизми сафарбарии наҷотдиҳандагони хориҷӣ оид ба рафъи ҳолатҳои фавқулода

Моддаи 29.2. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои наҷотдиҳандагони хориҷӣ

Моддаи 29.3. Кафолати фаъолияти наҷотдиҳандагони хориҷӣ

Моддаи 29.4. Механизми пардохти музди меҳнати наҷотдиҳандагон

Моддаи 29.5. Кафолатҳои суғуртавии наҷотдиҳандагон

***8) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мудофиаи гражданӣ”***

Қонуни мазкур низ яке аз санадҳои бунёдӣ доир ба муносибатҳо дар соҳаи ҳолатҳои фавқулода ба шумор меравад. Он вазифаҳо, асосҳои ҳуқуқии ташкил ва ба роҳ мондани мудофиаи гражданиро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, салоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли ташкилӣ ва ҳуқуқиашон, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон, инчунин қувва ва воситаҳои мудофиаи гражданиро дар соҳаи мудофиаи гражданӣ муайян менамояд.

Мудофиаи гражданӣ ин маҷмӯи чорабиниҳои умумидавлатии мудофиавӣ ва муҳофизатие мебошад, ки баҳри ҳимояи аҳолӣ, иқтисодиёт ва ҳудуди Тоҷикистон то оғоз ва ҳангоми сар задани амалиётҳои ҷангӣ равона шудаанд. Моҳияти мудофиаи гражданӣ ба унсурҳои ҳуқуқи байналмилалии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода мувофиқат менамояд ва дар баргирандаи як доираи муайяни муносибатҳо ба шумор мераванд.

Таҳлили Қонуни мазкур шаҳодат аз он медиҳад, ки танҳо дар моддаи 7 ба сифати яке аз салоҳияти Ҳукумати ҶТ дар соҳаи мудофиаи гражданӣ ба имзо расонидани шартномаҳои байниҳукуматӣ ҷиҳати ҳамкориҳо дар

риштаи мудофиаи граждани̇ пешбини̇ гардидааст. Ин муқаррарот заминаи он аст, ки дар самти мудофиаи граждани̇, инчунин вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода, ки ҷузъи мудофиаи граждани̇ аст созишномаҳо бо дигар давлатҳо ва ташкилотҳо аз ҷониби Ҳукумати ҶТ баста мешаванд ва тибқи онҳо ҳамкориҳо доир ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ба роҳ монда мешавад.

Ҳамчунин, моддаи 8 қонун ба Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколат медиҳад, ки ҳамкориҳои байналмилалиро дар соҳаи мудофиаи граждани̇ анҷом диҳад. Аммо дар дигар муқаррароти Қонуни таҳлилшаванда оид ба хусусиятҳои ҳуқуқи байналмилалии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода дарҷ нашудааст. Ҳол он ки дар соҳаи мудофиаи граждани̇ роҳандозии ҳамкориҳои байналмилали̇ ҷиҳати таҳкими муносибатҳо, рушди инфрасохториву кадри̇ ва механзмҳои иттиоотиву рафъпазирии ҳолатҳои фавқулода мусоидат менамояд.

**Бо ин назардошт, дар муқаррароти Қонуни мазкур ворид намудани илова дар хусуси ҳамкориҳои байналмилали̇ дар соҳаи мудофиаи граждани̇, механизмҳои ба роҳ мондани ҳамкориҳо, воситаҳои таъсиррасони он зарур шуморида мешавад.**

## 3.2. Таҳлил ва арзёбии санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонуни̇ дар соҳаи вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода дар заминаи қонунҳои амалкунанда

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонуни̇ пас аз санадҳои қонунгузори̇ василаи муҳими танзим ва муайяннамоии муносибатҳо дар соҳаи ҳолатҳои фавқулода, махсусан ҳуқуқи байналмилалии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ба шумор меравconfigured. Дар заминаи санадҳои қонунгузории дар боло таҳлилгардида, ҳамчунин дар ин соҳа шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонуни̇ таҳия ва қабул гардидаанд. Таҳили санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонуни̇ доир ба самти он ки чи гуна муқарраротро вобаста ба ҳуқуқи байналмилалии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода онҳо пешбини̇ менамоянд, зинаи муҳими таҳқиқотро ташкил менамояд.

### *1) Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табии̇ барои солҳои 2019-2034*

Стратегияи мазкур санади муҳими сиёсиву ҳуқуқи̇ дар самти паст кардани хавфи офатҳои табии̇ дар Тоҷикистон ба шумор рафта, амалисозии чорабиниҳои дурнамосозро дар бар мегирад. Ҳадафи асосии Стратегияро паст кардани хавфи ҷойдошта ва пешгирии хавфи нави офатҳои табии̇ бар асоси таҳкими иқтидори милли̇ оид ба идоракунии хавфи офатҳои табии̇ ташкил менамояд.

Бояд гуфт, ки барои амалисозии ҳадафу моҳияти Стратегия амалисозии нишондодҳои он дар чор вазифаи асоси̇ мустаҳкам гардидааст,

ки давра ба давра онҳо амалӣ гардида, ба ташаккули ҳолати паст кардани хавфи офатҳои табиӣ мусоидат менамоянд. Аз ҷумла:

- **якум,** то соли 2030 кам кардани шумораи ҳалокшудагон, осебдидагон ва ҳаҷми зарар дар натиҷаи офатҳои табиӣ бавуҷудомада дар муқоиса бо давраи солҳои 2005-2015;
- **дуюм,** таъмини дастрасии ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор ба иттилоот дар бораи хавфи офатҳои табиӣ;
- **сеюм,** ҳамгиросозии тадбирҳо оид ба идоракунии хавфи офатҳои табиӣ дар раванди рушд;
- **чорум,** такмили механизмҳои омодагӣ ва эътино ба офатҳои табиӣ.

**Бояд гуфт, ки дар чорабиниҳо ва чораандешиҳои пешбинигардида, ҷиҳати амалӣ намудани вазифаҳои мазкур масоили вобаста ба ҳуқуқи байналмилалии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода пешбинӣ нагардидааст. Ҳол он ки таваҷҷуҳ ба ин самт омили асосии рушди муносибатҳо вобаста ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар Тоҷикистон мегардад. Аз ин рӯ, зарурати ворид намудани иловаҳо ба Стратегияи мазкур ба вуҷуд омада, ҷузъи вазифаҳои сеюм ва чоруми амалисозии Стратегияро бояд масъалаҳои ҳуқуқи байналмилалии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ташкил намояд.**

Тибқи банди 36 Стратегия ба афзалиятҳои Барномаи Сендай, Барномаи рӯзномаи ҷаҳонӣ дар соҳаи рушди устувор барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 асос ёфтааст.

Дар асоси банди 37 бошад бо истифода аз санадҳои пешниҳодкардаи Барномаи Сендай, Стратегия маҷмӯи тадбирҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, таълимӣ, экологӣ, сиёсӣ ва ташкилиро, ки ба пешгирӣ ва паст кардани сатҳи гирифторӣ ба таҳдидҳо ва осебпазириҳо нисбат ба офатҳо, баланд бардоштани сатҳи омодагӣ ба эътино ва барқарорсозӣ равона шудаанд, пешбинӣ менамояд.

Ҳамчунин, тибқи банди 87 яке аз ҷанбаҳои маблағгузории Стратегияи мазкурро грантҳо, маблағҳои башардӯстона ва донории созмонҳои байналмилалӣ, ки мухолифи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд, ташкил менамояд, ки онҳоро ҳамчун заминаи мустаҳкамсозии муносибатҳо оид ба ҳуқуқи байналмилалии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода арзёбӣ кардан мумкин аст.

***2) Стратегияи ҳифзи молиявӣ аз офатҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2037***

Стратегияи мазкур ҷанбаҳои ҳифзи молиявӣ аз офатҳои табииро пешбинӣ намуда, ҳуҷҷати стратегии дурнамосоз дар ин соҳа ба шумор меравад. Мақсади Стратегия баланд бардоштани устувории молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба офатҳои табиӣ, такмили идоракунии ҳолатҳои ғайричашмдошт мебошад, ки дар натиҷаи офатҳои табиӣ ва хавфҳои молиявии ба он алоқаманд ба вуҷуд омадаанд.

Доир ба ҳуқуқи байналмилалии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода, махсусан дар самти расонидани кӯмакҳои байналмилалӣ дар шакли грантҳо ва дигар намуди маблағгузорӣ дар Стратегия нишондодҳои мушаххас пешбинӣ гардидааст.

Дар асоси банди 37 расонидани ёрии башардӯстона тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад ва дастгирӣ аз захираи моддӣ бо чунин захираҳои асосӣ, аз қабили сӯзишворӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва озуқаворӣ маҳдуд мегардад.

Инчунин, муқаррароти банди 20 пешбинӣ менамояд, ки пас аз офатҳои табиӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад барои ҷалби маблағгузорӣ воситаҳои зерини иловагиро истифода намояд: - маблағгузории имтиёзнок аз ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ё маблағҳои қарзӣ; - кӯмаки байналмилалӣ; - аз нав тақсим кардани маблағҳо аз моддаҳои дигари буҷет.

Дар банди 28 нишондоди омории мушаххас пешбинӣ гардидааст, ки афзалиятнокии кӯмакҳои башардӯстонаро доир ба ҳолатҳои фавқулода дар бар мегирад. Тибқи он донорҳо метавонанд дар рафъи офатҳои табиӣ кӯмак расонанд. Аз 577 миллион доллари ИМА, ки аз соли 1999 ба сифати кӯмаки башардӯстона аз ҷониби донорҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, маблағи мустақиман барои мақсадҳои вокуниш ва барқарорсозӣ баъди офатҳои табиӣ пешбинишуда 91 892 181 доллари ИМА-ро ташкил дод. Аз ҳисоби ин кӯмак танҳо як қисми зарар, ки бар асари офатҳои табиӣ ба Тоҷикистон расонида шудааст, фаро гирифта шуд. Илова бар ин, кӯмаки донорҳо пешгӯинашаванда аст ва дар аксари мавридҳо нокифоя мебошад.

***3) Барномаи миёнамуҳлати давлатӣ оид ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода барои солҳои 2023-2028***

Барномаи мазкур низ дар паст кардани хавфи ҳолатҳои фавқулода ва чораандешӣ доир ба он нақши муҳимро ишғол менамояд. Мақсади Барномаи мазкур таҳкиму вусъати иқтидори миллӣ оид ба паст кардани хавфи мавҷудаи офатҳои табиӣ ва пешгирӣ намудани бавуҷудоии хавфҳои нави офатҳои табиӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки дар Барномаи мазкур низ вобаста ба кӯмакҳои байналмилалӣ оид ба рафъи ҳолатҳои фавқулода муқаррароти мушаххасе пешбинӣ нагардидааст, ки ин зарурати мустаҳкамсозиро дар сатҳи Барнома тақозо менамояд.

Тибқи банди 11 муқаррар шудааст, ки дар заминаи афзоиши назарраси маблағгузории тадбирҳо оид ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди кишвар аз ҳолатҳои фавқулода аз буҷети давлатӣ ва афзоиши сармоягузории хориҷӣ муҳим аст, ки таносуби маблағҳои ҷудогардида барои идоракунии хавфи офатҳо ва рафъсозии пайомадҳои офатҳои табиӣ таҳлил карда шавад ва бо дарназардошти натиҷаҳо ба сиёсати молиявӣ дар ин самтислоҳот ворид карда шавад. Ин нишондод муҳимияти сармоягузории хориҷиро дар ин

самт пешбинӣ менамояд, аммо доир ба тартибу шакл ва махсусиятҳои дигари он бевосита муқаррарот дарҷ нагардидааст.

***4) Низомномаи тартиби идораи кӯмаки башардӯстона ва техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Санади меъёрии ҳуқуқии зерқонуние, ки ҷавҳари таҳлилро ташкил медиҳад, маҳз Низомномаи тартиби идораи кӯмаки башардӯстона ва техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Он бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ, шахсони алоҳидаи ҳуқуқӣ ва воқеӣ оид ба расонидани кӯмаки башардӯстона ва техникӣ, тақвияти назорат ба ворид гардидани тақсиму истифодаи самарабахш бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 ноябри соли 2000, №459 тасдиқ гардидааст.

Дар Низомномаи мазкур тартиби фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ, корхонаю муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои байналмилалиро доир ба қабул, тақсиму фурӯши кӯмаки башардӯстона ва техникии аз хориҷа ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида, хусусияти барасмиятдарории гумрукӣ ва татбиқи имтиёзҳоро, ки вобаста ба молҳои ба сифати кӯмаки башардӯстона ва техники воридкардашуда тибқи қонунгузории ҷорӣ дода шудаанд, муайян гардидааст.

Муқаррароти муҳими Низомномаро масъалаҳои тартиби истифодаи имтиёзҳо доир ба пардохти боҷҳои гумрукии молҳои ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати кӯмаки башардӯстонаву техникӣ воридгардида ва барасмиятдарории гумрукӣ, инчунин хароҷоти марбут ба кашонидан, дар анборхо ҷобаҷокунӣ, нигоҳдории борҳои башардӯстона, тартиби татбиқи кӯмаки башардӯстона ва техникӣ аз ҷониби ташкилотҳо, тартиби татбиқи кӯмаки башардӯстона ва техникӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, вазорату идораҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби татбиқи кӯмаки башардӯстона ва техникӣ аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби қабул, кашонидан, дар анбор ҷобаҷокунӣ ва тақсими борҳои кӯмаки башардӯстона ва техникии ба суроғаи ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида ва тартиби қабул, кашонидан, дар анбор ҷобаҷокунӣ, ҳифз ва тақсими кӯмаки башардӯстона ва техникии ба суроғаи Вазорати ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (айни замон Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад) воридгардида, ташкил медиҳад.

Таҳлили Низомнома собит месозад, ки ҳарчанд он ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ бошад, ҳам дар бисёр маврид танзими ҳуқуқӣ ва кафолати амалишавии кӯмакҳои бақналмилалиро оид ба ҳолатҳои фавқулода ба дигар санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ ҳавола менамояд. Зарур шуморида мешавад, ки нишондодҳои Низомномаи

мазкур мукаммал карда шуда, муносибатҳо дар ин самт пурра танзим карда шаванд.

Ҳамчунин, аз натиҷаи таҳлил бармеояд, ки аз қабули Низомномаи мазкур 25 сол сипарӣ гардида, то ин муддат ба он як маротиба бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 02 феврали соли 2009, №86 тағйирот ворид гардидааст у халос. Ҳол он ки то ин муддат дар ин самт тағйиротҳои кулии ҳуқуқӣ, сиёсӣ, байналмилалӣ, иқтисодӣ ва сохториву ниҳодӣ ба вуқуъ пайвастанд. Аз ин рӯ, зарур шуморида мешавад, ки Низомномаи мазкур дар шакли "Тартиби идораи кӯмаки башардӯстона ва техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар таҳрири нав таҳия ва қабул карда шавад.

***5) Тартиби умумии муайян намудани ҳаҷми зарари ба амвол расида ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодда***

Тартиби умумии муайян намудани ҳаҷми зарари ба амвол расида ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодда бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2010, №632 тасдиқ карда шуда, муайян намудани ҳаҷми вайроншавии (зарари) биноҳо ва иншоот, иншооти гидротехникӣ, таҷҳизот, қитъаи замин ва дарахтони бисёрсола ва дигар амволро (минбаъд амвол) дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода, баҳодиҳии арзиши ин амвол, пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода, инчунин таъмини мақсадноки истифодабарии маблағҳои ҷудогардидаро, ки ба таври фаврӣ ҷиҳати ҳал намудани масъалаҳои барқароркунии манзили истиқоматӣ, биноҳои истеҳсолӣ ва иншооти таъминоти зисти аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои зарардида равона карда шудаанд, ба танзим медарорад.

**Бояд гуфт, ки санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунии мазкур пурра механизмҳои миллии муайян намудани ҳаҷми зарари ба амвол расонидашуда ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои заруриро пешбинӣ намуда, доир ба тартиби дасрхости ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои дастрасӣ ба кӯмакҳои байналмилалӣ вобаста ба рафъи ҳолатҳои фавқулода муқаррароти бевосита дар он дарҷ нагардидааст. Бо дарназардошти афзалиятнок ва муҳиму саривақтӣ будани кӯмакҳои байналмилалӣ оид ба рафъи ҳолатҳои фавқулода дар сатҳи чунин сандаҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ ва ё санадҳои алоҳида механизмҳои ҳуқуқии дастрасӣ ба кӯмакҳои байналмилалӣ бояд мустаҳкам карда шавад.**

***6) Қоидаҳои тартиби маблағгузории чорабиниҳо оид ба рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда***

Қоидаҳои тартиби маблағгузории чорабиниҳо оид ба рафъи ҳолатҳои фавқулодда бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2009, №699 тасдиқ шуда, тартиби умумии ҷудо намудани маблағҳоро аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои чорабиниҳо оид ба рафъи ҳолатҳои фавқулода ва таъмини истифодабарии мақсадноки маблағҳои

зикршударо, ки ба таври фаврӣ ба ҳал намудани масъалаҳои барқароркунии хонаҳо, биноҳои истеҳсолӣ ва иншооти таъминоти зисти аҳолӣ дар ноҳияҳои зарардида равона карда шудаанд, ба танзим медарорад. Қобили зикр аст, ки тартиби маблағгузории чорабиниҳо оид ба рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода пурра дар асоси нишондодҳои қоидаҳои мазкур ба амл бароварда мешавад.

Танҳо тибқи банди 10, ки бо мақсади баланд бардоштани фаврияти гузаронидани чорабиниҳои таъхирнопазир оид ба рафъи ҳолатҳои фавқулода аз ҷониби Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи фонди захираҳои фаврии воситаҳои молиявию моддиро пешбинӣ менамояд, муқаррароти умумӣ оид ба кӯмакҳои башардӯстона дарҷ гардидааст. Тибқи он фонди захираҳои фаврӣ аз ҳисоби кӯмакҳои башардӯстона, воситаҳои молиявии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ созмон дода мешавад. Тартиби созмондиҳии фонди мазкур аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

**Ин муқаррароти умумӣ буда, танзими пурраи ҳуқуқии кӯмакҳои башардӯстона, механизми ворид гардидани онҳо, тартиби истифода шудани онҳо, субъектони назораткунандаи ҳолати истифода гардидани онҳо ва амсоли ин масъалаҳо бояд мустаҳкам карда шавад.**

***7) Низомномаи Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Низомномаи Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади муҳими танзимкунандаи фаъолияти мақоми ваколатдори соҳавӣ ба шумор рафта, он тартиби ташкил, фаъолият, ваколатҳо ва механизми сохтории Кумитаро мавриди танзим қарор медиҳад.

Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ мақоми марказии ҳокимияти иҷроия буда, оид ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи идоракунии ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ, танзими меъёрии ҳуқуқӣ, хизматрасонии давлатӣ ва идоракунии молу мулки давлатӣ, пешбурди сиёсати ягонаи давлатӣ оид ба омодагӣ ва ҳифзи аҳолӣ, иншооти иқтисодӣ ва ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи замони осоишта ва ҷанг фаъолият менамояд, маҷмӯи чорабиниҳои умумидавлатӣ, ҳуқуқӣ, мудофиавӣ ва дагар чорабиниҳоро, ки ба ҳифзи аҳолӣ, иншооти иқтисодӣ ва ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ, инчунин ҳангоми сар задани амалиёти ҷангӣ нигаронида шудаанд, ҳамоҳанг месозад.

Дар асоси яке аз нишондоҳои банди 4 Низомнома ташкил ва таъмини ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мудофиаи гражданӣ, ҳифзи аҳолӣ, иншоотҳои иқтисодӣ ва ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ ҳамчун ваколати Кумита

ба шумор меравад. Дар доираи ин ваколат, Кумита бо сохторҳои гуногуни соҳавии давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамкориҳоро дар самти вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ба роҳ мемонад.

Ҳамчунин, муқарраротҳои дигари банди 4 дар самти вазифаҳои Кумита вобаста ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода таъсиргузор мебошанд. Аз ҷумла:

- ҳангоми ба амал омадани ҳолатҳои фавқулода интиқол, тақсимот ва назорати кӯмакҳои башардӯстона ба аҳолӣ, ки аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ ҷудо шудаанд;

- интиқол, тақсимот ва назорати масолеҳи сохтмонӣ, маводи озуқа ва дигар кӯмаки башардӯстона ба кишварҳои хориҷӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо мегардад ё ин ки тавассути ҳудуди роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаранд;

- амалисозии назорат ҷиҳати истифодаи мақсадноки кӯмакҳои моддие, ки аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ба Кумита барои бартарафсозии оқибатҳои офатҳои табиӣ ва дигар ҳолатҳои фавқулода ворид мегарданд.

- тибқи тартиби муқаррargардида ташкил ва таъмини ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ба имзо расонидани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба масъалаҳои паст кардани хатари офатҳои табиӣ, пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода;

- дар доираи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба роҳ мондани ҳамкориҳо оид ба масъалаҳои мудофиаи гражданӣ, хабардоркунӣ, рафъи ҳолатҳои фавқулода, расонидани кӯмак ба аҳолӣ, инчунин омӯзиш, ҷамъбаст ва истифодаи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар ин самтҳо.

**Бояд гуфт, ки чунин вазифаҳои Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ шаҳодат аз он менамояд, ки мақоми ваколатдор дар самти ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ ва қабулу назорати истифодаи кӯмакҳои байналмилалӣ оид ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ба шумор меравад. Дар самти мазкур, бояд механизмҳои ворид гардидан ва истифодаи кӯмакҳои байналмилалӣ доир ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода, ки ҳамчун ваколати Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ ба шумор меравад, дар доираи санади ягонаи меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда шавад.**

***8) Тартиби ташкили расонидани кумаки тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулода***

Санади дигари муҳим дар самти рафъи ҳолатҳои фавқулода ин расонидани кӯмаки тиббӣ ба аҳолии зарардида ба шумор меравад. Тартиби ташкили расонидани кумаки тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулода бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 феврали соли 2022, №62 тасдиқ

шуда, бо мақсади ба танзим даровардани муносибатҳо вобаста ба ташкили расонидани кӯмаки тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулода таҳия шудааст.

Мақсади Тартиби мазкурро ин андешидани тадбирҳо оид ба пешгирӣ, расонидани кӯмаки таъҷилии тиббӣ, кӯмаки тиббӣ, наҷоти ҳаёти ҷабрдидагон ва бартараф намудани таъсири давомноки омилҳои осебрасонанда ташкил менамояд.

Дар банди 3 он муқаррар мегардад, ки расонидани дастгирии тиббӣ ва кӯмаки таъҷилии тиббӣ бевосита аз ҷониби қувва ва воситаҳои зернизоми вазифавии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода дар доираи низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, тавассути хадамоти махсуси кӯмаки таъҷилии тиббӣ анҷом дода мешавад. Тибқи банди 4 иҷрои корҳо доир ба расонидани кӯмаки аввалияи тиббӣ бевосита аз ҷониби бригадаҳои кӯмаки таъҷилии тиббӣ ва дигар намудҳои кӯмаки наҷотдиҳандагони сохторҳои дахлдори вазорату идораҳо ба анҷом расонида мешавад.

**Таҳлил собит месозад, ки доир ба расонидани кӯмаки тиббӣ аз ҷониби ташкилот ва шахсони хориҷӣ дар доираи созишномаҳои байналмилалӣ вобаста ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода муқаррароти бевосита дар Тартиби мазкур пешбинӣ нагардидааст. Ба сифати расонандаи кӯмаки тиббӣ дар ҳолатҳои фавқулода пешбинӣ гардидани ташкилоту муассиса ва сохторҳои тиббии байналмилалӣ василаи муҳими вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ва дастраси ба ҳадафҳои созишномавӣ мегардад.**

## Хулоса

Натиҷаҳои таҳлил нишон дод, ки ҷиҳати такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода андешидани чораҳои маҷмуӣ бо мақсади бартараф намудани нуқсону камбудиҳо мувофиқи мақсад аст: Агарчанде, ки имрӯзҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ зиёда аз 400 қонун, аз ҷумла 17 қонуни конститутсионӣ, 23 санади кодификатсионӣ қабул шуда бошад ҳам, қонунгузории соҳаи ҳолатҳои фавқулода, зарурат ба таҷдиди назар ва кодификатсияро дорад.

Таҷрибаи таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки яке аз роҳҳои муфиди расидан ба ҳадафҳои асосӣ - пешгирии ҳолатҳои фавқулода кодификатсияи қонунгузории соҳа буда метавонад. Вале, таҳлил нишон медиҳад, ки то имрӯз дар сатҳи давлатҳо-аъзои ИДМ ва СААД кӯшиши таҳияи Кодекси ҳолатҳои фавқулода амалӣ нагардида, ҷанбаҳои назариявӣ-амалии ҳуқуқи ҳолатҳои фавқулода ба таври дахлдор мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст.

Таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳолатҳои фавқулода, барнома ва стратегияҳои давлатӣ имкон доданд, ки низоми миллии рафъи ҳолатҳои фавқулода ба вуҷуд ояд, вале дар баробари ин масъалаи вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода, бартараф кардани хавфу хатарҳои он мубрам мемонад. Новобаста аз рушди соҳаҳои алоҳидаи қонунгузории миллӣ тақозо менамояд, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳое, ки ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода вазифадор гардидаанд, паст намудани таъсири ҳолатҳои фавқулода ба иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва тандурустӣ, омодагии саривақтии субъектҳои ваколатдор ва ҷомеа ба ҳолатҳои изтирорӣ, ҷалби густурдаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода, таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои аҳолӣ ба таври мутамарказ ва ҳамаҷониба ҳамоҳанг карда шаванд.

Дар ин маврид пеш аз ҳама зарур аст, ки меъёрҳои қабулгардида таҷдиди назар ва фавран мувофиқ гардида, такрори вазифаҳои мақомоти ваколатдор, таъмини сифат ва натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ бо дарназардошти раванди ба вуҷуд омадани ҳукумати электронӣ, пайдошавии технологияҳои нави иттилоотӣ, аз ҷумла зеҳни сунъӣ ҳангоми таҳияи барномаҳо, стратегияҳо ва консепсияҳои давлатӣ дар алоқамандӣ бо вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода, таъсири имконпазири ин ҳолатҳо, хавфу хатарҳои бавуҷудоянда ба инобат гирифта шаванд.

Бо ҳамин мақсад дар таҳлили мазкур зарурати таҳияи тавсияҳо оид ба такмили қонунгузорӣ ва омодасозии харитаи роҳ ҷиҳати ҳамаҷониба таҷдиди назар намудани қонунгузории миллӣ ба миён омад, ки пешниҳоди мақомоти ваколатдор ва идораву сохторҳои дахлдор карда мешавад. Имкон дорад, ки харитаи роҳ бо дарназардошти таклифу пешниҳодоти вазорату идораҳои дахлдор такмил дода шуда, минбаъд давра ба давра амалӣ карда шавад.

**Замимаи I**

**Харитасозии қонунгузории ҶТ оид ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода**

Ташкил ва гурӯҳбандии маълумоти ҷамъшуда дар асоси мавзуъҳо / саволҳои қолаби тадқиқот сурат мегирад.

Бо ин назардошт, раванди мазкур бо мақсади муфассал ва фаҳмо тасвир гардидани таҳлили қонунгузории ҳуқуқи байналмилалии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода (IDRL) дар Тоҷикистон мусоидат менамояд. Махсусан, пас аз гирдоварии маълумотҳо оид ба анҷом додани таҳлил, гурӯҳбандии онҳо дар асоси мавзуҳои мушаххас, бевосита муқаррароте ки дар кадом соҳаи қонунгузорӣ бояд мустаҳкам карда шавад, ба анҷом расонида мешавад. Ин раванд ба ҳолати пай дар пай ва мантиқан гузаронидани таҳлили банақшагирифташуда, мусоидат менамояд.

Саволҳои қолабии таҳқиқот инҳоро фаро гирифтанд:

| № | Саволҳои қолабӣ | Асосноккунӣ |
|---|---|---|
| 1. | Тартиби ворид ва идора кардани молу таҷҳизоти башардӯстона чи гуна пешбинӣ гардидааст? | Низомномаи тартиби идораи кӯмаки башардӯстона ва техникӣ дар ҶТ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 9 ноябри соли 2000, №459 тасдиқ гардидааст, санаи муҳими ҳуқуқӣ дар самти кӯмакҳои башардӯстона ҳангоми ҳолатҳои фавқулода ба шумор меравад.<br>Дар Низомномаи мазкур тартиби фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ, корхонаю муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои байналмилалиро доир ба қабул, тақсиму фурӯши кӯмаки башардӯстона ва техникии аз хориҷа ба ҶТ воридгардида, хусусияти барасмиятдарории гумрукӣ ва татбиқи имтиёзҳоро, ки вобаста ба молҳои ба сифати кӯмаки башардӯстона ва техники воридкардашуда тибқи қонунгузории ҷорӣ дода |

| | | |
|---|---|---|
| | | шудаанд, муайян гардидааст. |
| 2. | Боҷи гумрукӣ ва андозҳо барои молу таҷҳизоти башардӯстона чи тавр аст? | Масоили вобаста ба боҷи гумрукӣ дар муқаррароти Кодекси гумурки ҶТ пешбинӣ гардидааст. Тибқи сархати сеюми қисми якуми моддаи 345 Кодекси гумрук барои воридоти молҳо ба сифати кӯмаки башардӯстона, воридоти молҳое, ки ройгон ба ташкилотҳои эҳсонкорӣ барои мақсадҳои рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ, садама ва фалокатҳо дода мешаванд аз пардохти боҷҳои гумрукӣ озод мебошанд.<br>Масъалаҳои вобаста ба андоз бошад тибқи муқаррароти Кодекси андози ҶТ танзим карда шудааст. Мутобиқи моддаи 189, махсусан банди 10 ба сифати яке аз намудҳои даромадҳои шахсони воқеӣ, ки андозбандӣ карда намешаванд маблағҳои дар шакли кӯмаки башардӯстона ва кӯмаки эҳсонкорӣ, аз ҷумла ҳангоми офатҳои табиӣ, дастрас намудаи шаҳрвандонро ташкил менамояд.<br>Ҳамчунин, дар асоси муқаррароти қисми 4 моддаи 251 Кодекси мазкур бошад, ба сифати яке аз намудаҳои воридот, ки аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд ин воридоти молҳое, ки ройгон ба мақомоти давлатии ҶТ дода мешаванд, воридоти молҳо ба сифати кӯмаки башардӯстона, воридоти молҳое, ки ба ташкилотҳои эҳсонкорӣ барои мақсадҳои рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ, садама ва фалокатҳо ройгон дода |

| | | |
|---|---|---|
| | | мешаванд, ба шумор меравад. |
| 3. | Тартиби раводиддиҳӣ ва осониҳо барои кормандони фаъолияти башардӯстӣ дар Тоҷикистон дар кадом шакл муқаррар шудаанд? | Вобаста ба тартиби раводдидиҳӣ ва сабукиҳо барои кормандони фаъолияти башардӯстӣ дар қонунгузории Тоҷикистон муқаррароти мушаххасе пешбинӣ нагардидааст. Аз ҷумла, дар Қонуни ҶТ "Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар ҶТ" аз 2 январи соли 2018 № 1471, ки масъалаи вобаста ба раводидро нисбати шаҳрвандони хориҷӣ муқаррар менамояд, дар ин самт муқаррароти алоҳидаеро пешбинӣ наменамояд. |
| 4. | Ҳуқуқи амал кардани мутахассисони хориҷӣ ва талабот нисбати онҳо дар қонунгузории ҶТ чи гуна кафолат дода шудааст? | Ба таври мукаммал дар қонунгузории кишвар дар самти ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ оид ба ҳуқуқи амал кардани мутахассисони хориҷӣ ва талабот нисбати онҳо муқаррарот мавҷуд намебошад. |
| 5. | Талабот нисбати воридоти воситаи нақлиёт, техника ва ҳайвонот барои фаъолияти башардӯстӣ дар қонунгузории ҶТ мавҷуд аст ва ё не? | Талабот нисбати воридоти воситаи нақлиёт, техника ва ҳайвонот барои фаъолияти башардӯстӣ дар қонунгузории ҶТ ба таври муфассал мавҷуд нест. Ин ҳолат танзими ҳуқуқии хешро дар сатҳи қонунгузории марбут ба ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ тақозо менамояд. |
| 6. | Талабот нисбати воридоти маҳсулоти доруворӣ, маҳсулоти химиявӣ, таҷҳиззотӣ тиббӣ ва дигар молу маҳсулоти махсус чи тавр муқаррар шудааст? | Талабот нисбати воридоти маҳсулоти доруворӣ, маҳсулоти химиявӣ, таҷҳиззотӣ тиббӣ ва дигар молу маҳсулоти махсус ба таври мукаммал дар ягон санади меъёрӣ муқаррар нагардидааст.<br>Дар ин самт Тартиби ташкили расонидани кумаки тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулода бо |

| | | |
|---|---|---|
| | | қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 феврали соли 2022, №62 тасдиқ шуда, бо мақсади ба танзим даровардани муносибатҳо вобаста ба ташкили расонидани кӯмаки тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулода таҳия шудааст.<br>Дар сатҳи ин санад ва ё дар доираи санади ҳуқуқии алоҳида танзим намудани талабот нисбати воридоти маҳсулоти доруворӣ, маҳсулоти химиявӣ, таҷҳиззотӣ тиббӣ ва дигар молу маҳсулоти махсус муҳим ба шумор меравад.<br>Ҳамчунин, дар банди 3 Низомномаи тартиби идораи кӯмаки башардӯстона ва техникӣ дар ҶТ пешбинӣ гардидааст, ки кӯмаки башардӯстонаи ба ҶТ воридгардида бояд барои истеъмолкунанда бехатар бошад ва ба талаботи байналмилалии амнияти инсон, ба талаботи санитарию гигиенӣ, зиддисироятӣ, тиббӣ, фармасевтӣ, ветеринарӣ, инчунин ба қонунгузории ҷории ҷумҳурӣ дар бораи стандарту сертификатсиякунонӣ, назорати санитарӣ, дар бораи ҳифзи тандурустии аҳоли ва ғайраҳо мутобиқат намояд. |
| 7. | Вазъи танзими ҳуқуқии волонтёрии байналмилалӣ дар қонунгузории ҶТ чи гуна аст? | Доир ба муайян намудани вазъи танзими ҳуқуқии волонтёрии байналмилалӣ дар қонунгузории самти ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ муқаррарот пешбинӣ нашудааст.<br>Дар Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти волонтёрӣ» аз 19 сентябри соли 2013, № 1019 оид ба фаъолияти байналмилалии |

| | | |
|---|---|---|
| | | волонтёрӣ дар моддаи 16 муқаррар мегардад, ки фаъолияти байналмилалии волонтёрӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, амалӣ карда мешавад.<br>Яъне муқаррароти мукаммалу пешбинишаванда дар ин самт мавҷуд намебошад. |
| 8. | Танзими ҳуқуқии дастрасии башардӯстӣ, амнияти кӯмакҳои байналмилалии башардӯстӣ чи тавр кафолат дода шудааст? | Танзими ҳуқуқии дастрасии башардӯстӣ, амнияти кӯмакҳои байналмилалии башардӯстиро Ҳукумати ҶТ кафолат медиҳад. Ин салоҳият аз ҷониби мақомотҳои ваколатдори давлатӣ амалӣ карда мешавад, ки тибқи қарори дахлдори Ҳукумат дар ҷараёни ҳодиса муайян мегардад. |
| 9. | Масоили ҳуқуқии ҷуброни зарар ба шахсон ва молу таҷҳизоти кӯмакҳои байналмилалии башардӯстӣ чи гуна аст? | Дар ҶТ Қонун "Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон" аз 1.03.2005, №83 қабул гардидааст, ки он вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагонро бо фарогирии масъалаҳои мафҳум ва моҳияти наҷотдиҳандагон, ҳуқуқҳои наҷотдиҳандагон, кафолати фаъолияти наҷотдиҳандагон, ухдадориҳои наҷотдиҳандагон, тартиби кор (хизмат) ва истироҳати наҷотдиҳандагон, пардохти музди меҳнати наҷотдиҳандагон, ҳуқуқ ба манзил, кафолатҳои суғуртавии наҷотдиҳандагон, ҳифзи иҷтимоии аъзои оилаи наҷотдиҳандагон, шаҳрвандоне, |

| | | |
|---|---|---|
| | | ки наҷотдиҳанда набуда, ҷиҳати иҷрои корҳо ба рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда ҷалб карда мешаванд мавриди танзим қарор додааст.<br>Дар Қонуни мазкур вобаста ба ҷуброни зарар ба шахсон ва молу таҷҳизоти кӯмакҳои байналмилалии башардӯстӣ муқаррароти дахлдоре пешбинӣ нагардидааст. Дар ин қисмат бояд ба он муқаррароти нав илова карда шавад. |

**Замимаи II**

**Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва сарчашмаҳои дигари ҳуқуқӣ, ки дар таҳлил истифода гардидаанд**

| № | Номгӯйи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ | Санаи қабул ва рақам | Қувваи ҳуқуқӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 6.11.1994 | Амалкунанда |
| 2. | Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда" | 3.11.1995, №994 | Амалкунанда |
| 3. | Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон | 13.12.2004, №12 | Амалкунанда |
| 4. | Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон | 23.12.2021, №1844 | Амалкунанда |
| 5. | Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 30.05.2017, №1413 | Амалкунанда |
| 6. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ" | 15.07.2004, №53 | Амалкунанда |
| 7. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон" | 1.03.2005, №83 | Амалкунанда |
| 8. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мудофиаи граждани" | 28.02.2004, №6 | Амалкунанда |
| 9. | Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2034 | Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2018, №602 тасдиқ гардидааст | Амалкунанда |
| 10. | Стратегияи ҳифзи молиявӣ аз офатҳои табиӣ дар | Бо қарори Ҳукумати | Амалкунанда |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2037 | Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.10.2022, №504 тасдиқ гардидааст | |
| 11. | Барномаи миёнамуҳлати давлатӣ оид ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода барои солҳои 2023-2028 | Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2022, №630 тасдиқ гардидааст | Амалкунанда |
| 12. | Низомномаи тартиби идораи кӯмаки башардӯстона ва техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9.11.2000, №459 тасдиқ гардидааст | Амалкунанда |
| 13. | Тартиби умумии муайян намудани ҳаҷми зарари ба амвол расида ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодда | Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.12.2010, №632 тасдиқ гардидааст | Амалкунанда |
| 14. | Қоидаҳои тартиби маблағгузории чорабиниҳо оид ба рафъи ҳолатҳои фавқулодда | Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2009, №699 тасдиқ гардидааст | Амалкунанда |
| 15. | Низомномаи Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2017, №547 тасдиқ гардидааст | Амалкунанда |
| 16. | Тартиби ташкили расонидани кӯмаки тиббӣ | Бо қарори Ҳукумати | Амалкунанда |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ҳангоми ҳолатҳои фавқулода | Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.02.2022, №62 тасдиқ гардидааст | |
| 17. | Барномаи қолабии Сендай оид ба паст намудани хавфи офатҳо барои солҳои 2015-2030 | Тибқи қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ аз 03 июни соли 2015, №69/283 тасдиқ гардидааст | Амалкунанда |
| 18. | Созишнома байни Ҷумҳурии Қазоқистон, Қирғизистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон оид ба ҳамкорӣ | аз 10 январи соли 1997 тасдиқ гардидааст | Амалкунанда |
| 19. | Қонуни намунавии ИДМ “Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта” | аз 06.12.1997, №10-6 тасдиқ гардидааст | Амалкунанда |
| 20. | Қонуни намунавии ИДМ “Дар бораи ҳолатҳои фавқулода” | аз 13.06.2000, №15-15 тасдиқ гардидааст | Амалкунанда |
| 21. | Қонуни намунавии ИДМ “Дар бораи мусоидат ба танзими кӯмаки башардӯстона ҳангоми ҳолатҳои фавқулода ва кӯмак дар баргузории корҳои аввалини барқарорсозӣ” | аз 28.11.2014, №41-20 тасдиқ гардидааст | Амалкунанда |
| 22. | Қонуни намунавии ИДМ инчунин, Қонуни намунавии ИДМ “Дар бораи низоми ягонаи занг задан ба хадамоти изтирорӣ” | аз 28.10.2022, №54-9 тасдиқ гардидааст | Амалкунанда |
| 23. | Тавсияҳо оид ба ҳамоҳангсозии қонунгузории | Бо қарори Ассамблеяи | Амалкунанда |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | давлатҳо-аъзои СААД дар доираи ҳамкориҳои наздисарҳадӣ ҳангоми бавуҷудоии ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта | Парлумонии СААД аз 26 ноябри соли 2015, №8-8 тасдиқ гардидааст | |
| 24. | Созишнома байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати ҳолатҳои фавқулода оид ба ҳамкории Ҷумҳурии Беларус дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода | аз 30.06.2012 | Амалкунанда |
| 25. | Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи мудофиаи гражданӣ (ҳифз), пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода | аз 02.11.2013 | Амалкунанда |
| 26. | Созишнома оид ба ҳамкории техникӣ ва молиявӣ, инчунин кӯмаки башардӯстона байни Шӯрои Федеролии Швейтсария ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 19.11.1999 | Амалкунанда |

ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

redcrescent.tj